**АББОС ИРОҚЧӢ ДАР ТОҶИКИСТОН** с. 3

**АКСҲОИ НОДИРИ НУСРАТУЛЛО МАХСУМ** с. 10

**БИНОИ ДОНИШКАДАИ ИСЛОМӢ КАЙ БОЗ МЕШАВАД?** с. 8




# ТОҶИКИСТОН

№31 (1644), 30.07.25 РӮЗНОМА ЗИЁД, «ТОҶИКИСТОН» ЯКТОСТ! Оғози нашр соли 1992


# ЛИМИТ ДАР ТОБИСТОН

## МАСЪУЛИН САБАБИ ОНРО ШАРҲ ДОДАНД










**ДАР ИН ШУМОРА:**

**ЗЕҲНИ СУНЪӢ**
Қатъномаи СММ ва миссияи рақамии Тоҷикистон с.2

**ЭРОН-ТОҶИКИСТОН**
Роҳи оҳан кай боз мешавад? с.3

**ПОЙТАХТ**
Лифтҳои биноҳои кӯҳна нав мешаванд с.5

**4,7 МЛРД**
Афзоиши савдо ва содирот ба 50 кишвар с.7

**АФҒОНИСТОН**
Тарҳи ноком ва фурӯпошии ҳукумат с.6

**САФАРИ ПУТИН**
Вазъи муҳоҷиронро бехтар мекунад? с.9

**ПАДАРИ ВАХШӢ**
Писарро бо мошин кашола карду ба марг расонид с.11

**АҲМАДШОҲИ МАСЪУД**
Нашри китоб аз корномаи қаҳрамон с.15

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,**
муҳаррир

**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,**
президенти АМИТ

**Шералӣ КАБИР,**
Вазири саноат ва технологияҳои нави ҶТ

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,**
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон.

**Носирҷон САЛИМӢ,**
академик

**Рафаэл НЕКТАЛОВ,**
сармуҳаррири рӯзномаи "The Bukharian Times"

**Масъуди МИРШОҲӢ,**
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Порис)

**Шариф РАҲИМЗОДА,**
доктори илми иктисодӣ, профессор

**Урватулло ТОИРОВ,**
доктори илми филология, профессор

**Тамара МОСКАЛЁВА,**
нависанда (ИМА), зодаи Тоҷикистон

**Гулсифат ШАҲИДӢ,**
нависанда

**Иноят ИНОЯТОВ,**
ҳуқуқшинос

**Фирдавс САТТОРОВ,**
саҳифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони хафтанома**

*Хафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар хафтанома маводе ки ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани маводи шумора ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи маводи шумора ба идораи хафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Хафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолиброро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад.*
*Хафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШӮЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88,**
**238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.

« ПЕШНИҲОД ДОРАМ, КИ МАҶМАИ УМУМӢ ДАР ИҶЛОСИ НАВБАТӢ ОИД БА НАҚШИ ЗЕҲНИ СУНЪӢ ДАР ФАРОҲАМСОЗИИ ИМКОНИЯТҲОИ НАВ БАРОИ РУШДИ СОҲАҲОИ ИҚТИСОДИВУ ИҶТИМОӢ ВА СУРЪАТБАХШӢ ҶИҲАТИ РАСИДАН БА ҲАДАФҲОИ РУШДИ УСТУВОР ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ ҚАТЪНОМАИ МАХСУС ҚАБУЛ НАМОЯД».

**АЗ СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР МУБОҲИСАҲОИ 79-УМИ УМУМИИ МАҶМАИ УМУМИИ СММ**



# ҚАТЪНОМАИ СММ ВА МИССИЯИ РАҚАМИИ ТОҶИКИСТОН

25-уми июли соли 2025 барои ман, ҳамчун хатмкардаи донишгоҳи аврупоӣ, мутахассиси ҷавони соҳаи зеҳни сунъӣ рӯзи хурсандӣ буд. Зеро дар ин рӯз қатъномаи пешниҳодкардаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба нақши зеҳни сунъӣ (ЗС) дар рушди устувори Осиёи Марказӣ дар Созмони Милали Муттаҳид бо иттифоки оро қабул гардид. Ин на танҳо як дастоварди бузурги сиёсӣ, балки оғози як марҳилаи нав барои Тоҷикистон ва тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ ва ҷаҳони рақамӣ мебошад.

Аз Қатънома бармеояд, ки мақсади ташаббус он аст, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ бо назардошти шароити иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии худ модели танзими зеҳни сунъиро таҳия ва дар амал татбиқ намоянд. Тавре аз маводҳои дар расонаҳои ҷаҳонӣ нашргашта бармеояд, ҳадафи Қатънома иборат аст аз:

**Якум,** таъсиси Маркази минтақавии зеҳни сунъӣ дар шаҳри Душанбе, ки бояд ба як маркази ҳамоҳангсозии омӯзиш, таҳқиқот ва технология дар тамоми минтақа табдил ёбад;

**Дуюм,** эътирофи модели худтанзимкунии зеҳни сунъӣ (ЗС) дар Осиёи Марказӣ ҳамчун намунаи мувозинати байни танзим ва навоварӣ.

Бори аввал як кишвари Осиёи Марказӣ тавонист ташаббусеро роҳандозӣ намояд, ки на танҳо минтақавӣ, балки хусусияти ҷаҳонӣ дорад.

Ҳамчун як ҷавони тоҷике, ки солҳои охир дар муҳити пешрафтаи аврупоӣ таҳсил кардаву таҷриба андӯхтаам, ба таври равшан эҳсос мекунам, ки ин қатънома Тоҷикистонро аз як кишвари истифодабарандаи технологияи воридотӣ ба ташаккулдиҳандаи сиёсатҳои байналмилалии ЗС табдил медиҳад.

Қатънома қабул шуд, вале он оғози кор, ибтидои масъулият аст. Ман бар он боварам, ки мо мутахассисон, муассисаҳо ва ҷомеа бояд ин имкониятро ба як воқеият табдил диҳем. Корҳое, ки моро интизоранд, заҳматталаб, аммо ниҳоят муҳиманд.

**Пеш аз ҳама,** марказ бояд дорои зерсохторҳои технологӣ, шабакаҳои иттилоотӣ, марказҳои омӯзишӣ ва стартапҳо бошад. Мо бояд фазои илмӣ-амалӣ ва тадқиқотӣ ба вуҷуд орем, ки барои ҷавонон ва муҳаққиқони минтақа имкони рушди касбӣ фароҳам созад.

**Технопарки Area AI,** ки аллакай сохтмонаш оғоз ёфтааст, метавонад ба нуқтаи асосии ин марказ табдил ёбад. Мо бояд онро бо мухтавои зеҳнӣ, омӯзгорони сатҳи ҷаҳонӣ ва дастрасӣ ба пойгоҳҳои байналмилалии ЗС таъмин намоем.

Ҷомеаи Тоҷикистон хуб медонад, ки Стратегияи миллии зеҳни сунъӣ барои то соли 2040 қабул гаштааст. Стратегия бояд бо нақшаи мушаххаси амал, буҷаи устувор, низоми тайёр кардани кадрҳо ва механизмҳои мониторинг пурра карда шавад.

**БАРОИ ТАТБИҚИ ОН БОЯД:**

- **фанҳои зеҳни сунъӣ ба барномаҳои таълимӣ ворид шаванд;**
- **омӯзгорон ва муҳаққиқон бозомӯзӣ шаванд;**
- **ҳамкорӣ бо донишгоҳҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ густариш ёбад;**
- **Тоҷикистон ҳамчун ҳамоҳангсоз ва маркази минтақавии зеҳни сунъӣ ташаббускори форумҳои минтақавӣ, таҳқиқоти фаромиллӣ ва шабакаҳои мутахассисони соҳаи ЗС гардад;**
- **Душанбе бояд ба маркази ташкили лоиҳаҳои муштарак бо Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Туркманистон табдил ёбад.**

Ин ҳамгироии рақамиро вусъат мебахшад ва нуфузи Тоҷикистонро тақвият медиҳад.

Як нуктаи дигар бояд сахт мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад: **қабули Кодекси миллии ахлоқи рақамӣ**, коидаҳои истифодаи бехатар ва боэътимоди ЗС ва механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон дар муҳити рақамӣ бояд ҷавоби амалӣ ба даъвати қатънома гарданд.

Модели танзим бояд на аз рӯи манъи технология, балки аз рӯи роҳнамоии он ба сӯи манфиати инсонӣ бошад.

Қатънома ба мо имконият медиҳад, ки бо ширкатҳои байналмилалӣ созишномаҳо ба имзо расонем, лабораторияҳои муштарак таъсис диҳем ва дар созмонҳои байналмилалӣ намояндагии рақамии худро муаррифӣ намоем.

**Тоҷикистон метавонад ба яке аз марказҳои пешсафи таҳияи software,** омӯзиши кадрҳои рақамӣ ва ташаккули андешаи илмӣ дар самти зеҳни сунъӣ дар минтақа табдил ёбад. На ҳамчун як давлати истифодабарандаи технология, балки ҳамчун як мафҳуми муосир ва бунёди Тоҷикистони рақамӣ ва технологӣ, ки дар он навоварӣ, дониш ва инсонмеҳварӣ мақоми пешрафтро ташкил диҳанд.

**Қатъномаи СММ оғози нав аст, аммо на танҳо барои ҳукумат. Ин як даъват ба ҳар яки мо - омӯзгорон, муҳаққиқон, донишҷӯён ва мутахассисон аст.**

Ман итминон дорам, ки агар мо ин фурсатро бо масъулият, ҳамкорӣ ва рӯҳи навоварӣ истиқбол гирем, Тоҷикистон дар харитаи ҷаҳонии зеҳни сунъӣ ҷойгоҳи хосса пайдо хоҳад кард.



**Суҳроб ҲАМДАМОВ,**
**мутахассиси соҳаи зеҳни сунъӣ**



# МУЛОҚОТИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО АББОС ИРОҚҶӢ

**30-ЮМИ ИЮЛ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО САИЙД АББОС ИРОҚҶӢ, ВАЗИРИ КОРҲОИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН МУЛОҚОТ НАМУДА, МАСЪАЛАИ ҲАМКОРИҲОИ ДУҶОНИБАРО МАВРИДИ ГУФТУГӮ ҚАРОР ДОДАНД.**

Дар ҷараёни мулоқот ҷонибҳо доираи васеи масоили вобаста ба рушди муносибатҳои дӯстӣ ва густариши ҳамкориҳои гуногунҷанба миёни ду кишварро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Сарвари кишвар аз раванди рӯ ба пешрафти муносибатҳои дуҷониба изҳори қаноатмандӣ намуда, натиҷаҳои мулоқоту музокироти сатҳи олӣ миёни роҳбарони ду кишварро дар таҳкими робитаҳо муҳим арзёбӣ карданд.

“Алоқамандии ҳар ду ҷониб ба тавсеи ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика, саноат, ҳамлу нақли байналмилалӣ, кишоварзӣ, илму фанноварӣ, тандурустӣ, гардишгарӣ, фарҳанг ва дигар бахшҳо таъкид гардид”,- зикр кард дафтари матбуоти Президенти Тоҷикистон.

Дар ҷараёни мулоқот мавзуи ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ дар маркази таваҷҷуҳи хос қарор доштанд ва ҳар ду ҷониб омодагии худро барои рушди робитаҳо дар бахшҳои калидӣ таъкид намуданд.

Аз ҷумла, соҳаҳои энергетика, саноат, нақлиёти байналмилалӣ, кишоварзӣ, илм ва технология, тандурустӣ, сайёҳӣ ва фарҳанг ба ҳайси самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ номбар шуданд.

Ҳамзамон, гуфтугӯи судманд доир ба масъалаҳои муҳими минтақавию байналмилалӣ, ки мавриди таваҷҷуҳи муштараки ҷонибҳо мебошанд, доир гардид.

# РОҲИ ОҲАНИ ЭРОН - ТОҶИКИСТОН

## Лоиҳа кай татбиқ мешавад?

**ЭРОН БАРОИ РОҲАНДОЗИИ ХАТИ РОҲИ ОҲАН БА ШАҲРҲОИ МАРВИ ТУРКМАНИСТОН ВА ДУШАНБЕИ ТОҶИКИСТОН ОМОДАГӢ МЕБИНАД. ДАР ИН БОРА МУДИРИ КУЛЛИ ШИРКАТИ МИЛЛИИ РОҲИ ОҲАНИ ЭРОН (RAJA) ҶАББОР АЛӢ ЗОКИРӢ БА ХАБАРГУЗОРИИ VISTA.IR ХАБАР МЕДИҲАД.**



Гуфта мешавад, ки хати роҳи оҳан робитаҳои Эронро бо кишварҳои ҳамсояи Осиёи Марказӣ боз ҳам тақвият мебахшад. Зокирӣ гуфтааст, ки хатсайрҳои чадид қисме аз стратегияи Эрон дар таҷдиди зерсохтори нақлиётӣ ва таҳкими ҳамкории минтақавӣ махсуб меёбанд.

“Пас аз таваққуфи панҷсола хатсайри Теҳрон - Ван (Туркия) дубора ба роҳ монда шуда, инчунин омодагиҳо барои роҳандозии ҳаракати қатораҳо ба шаҳрҳои Марв дар Туркманистон ва Душанбе дар Тоҷикистон идома доранд”,- гуфтааст Зокирӣ.

Дар бораи кай оғоз шудани ҳаракати қатораҳо ба кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳоло хабар дода намешавад.

Гуфта мешавад, ки хатсайрҳо барои равуои одамону интиқоли бор, инчунин татбиқи лоиҳаҳои стратегӣ дар соҳаҳои савдо ва сармоягузорӣ имконоти нав фароҳам меоранд. Ҷанбаи муҳими ин ташаббусҳо афзудани сафари сайёҳон ва рушди ин соҳа арзёбӣ мешавад.

“Шабакаи роҳи оҳани Эрон аз мероси ғании таърихиву фарҳангӣ бархӯрдор буда, истифодаи ин имконият ба гирифтани даромади назаррас аз сайёҳӣ ва инчунин таъсиси чойҳои нави корӣ дар бахши меҳмондорӣ мусоидат менамояд”,- зикр кардааст Зокирӣ.



## *Аз нишастҳои матбуотӣ*



**Дар остонаи таҷлили 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар кишвар сохтмони қариб 30 ҳазор иншоот ба нақша гирифта шудааст.**

Дар ин бора Низом Мирзозода, раиси Кумитаи сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Тоҷикистон зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.

Ба иттилои ӯ, аз 29 919 иншооти ба нақша гирифташуда то имрӯз 23 228 адад ба истифода дода шуда, сохтмон дар 4594 иншооти дигар идома дорад. Низом Мирзозода зикр кард, ки дастгирии ташаббусҳои созандаи соҳибкорон ва назорати сифати сохтмон аз самтҳои афзалиятноки кори кумита ба шумор меравад.



**Дар Тоҷикистон қимати чиптаҳои парвоз поин меравад. Дар ин бора директори Агентии авиатсияи гражданӣ Ҳабибулло Назарзода иттилоъ дод.**

Ба гуфтаи ӯ, роҳбарияти Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе ба ҳамаи ширкатҳои ҳавонавардии ватанӣ ва хориҷӣ тахфифи то 40-фоиза пешниҳод кардааст. Ҳамчунин, “Тоҷикаэронавигатсия” нархи хадамоташро коҳиш дода, ширкатҳои фурӯши сӯзишворӣ то 20 фоиз нархҳоро поин бурдаанд.



**Дар шаш моҳи соли равон 227 шахси мутасаддӣ барои таъхир дар пешниҳоди омор ва хато пешниҳод кардани он ҷарима шудаанд.**

Қурбон Ҳакимзода, сардори Агентии омори назди Президенти Тоҷикистон дар вилояти Хатлон зимни нишасти хабарӣ дар посух ба суоли Pressa.tj афзуд, ки 227 нафар барои таъхир дар пешниҳоди омор ва хато 106 ҳазору 620 сомонӣ ҷарима шудаанд. Ӯ мегӯяд, ки ҷарима пурра ситонида шудааст. Ба иддаои ӯ миёни масъулоне, ки ҷарима шудаанд, роҳбарони ташкилоту идораҳо ҳам ҳастанд.

## САРИ САБЗ



Нуралӣ АСОЗОДА,
муовини якуми вазири кишоварзӣ

**- Истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ ба 15891,3 миллион ва чорводорӣ ба 7962,5 миллион сомонӣ баробар гардида, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта маҳсулоти растанипарварӣ 9,0% ва чорводорӣ 11,2% ё 803,2 миллион сомонӣ зиёд мебошад.**

*- Ҳммм, пас чаро масалан нархи гӯшт ҳеҷ не ки поён равад? Ё кишоварзону чорводорон маҳсулоташонро дар сардхонаҳо захира мекунанду боиси афзоиши нарх мешаванд?*



Далер МИРХОНОВ,
ҳунарпешаи Театри давлатии ҷавонон

**- Ба гумонам, агар ҳунарманд намешудам, шояд муштзан, муштзани хуб мешудам, зеро ҳамроҳи бародари калониам тамрин мекардам... Мардум дарди ҳунармандонро ҳис мекунанд. Медонанд, ки қадри ҳунарманд коста шудааст, медонанд, ки маошаш кам аст...**

*- Шояд, вале инро ҳам бояд ба назар гирифт, ки бисёриҳо ҳамроҳи бародаронашон тамрин мекунанд... Ҳоло ҳам барвақт аст, агар муштзани хуб шавед, пули нағз кор мекунед.*



Холиқназар ҶУМЪАЗОДА,
адиб ва рӯзноманигор

**- Бо устод Исмоил Зарифӣ рӯ ба рӯ шуда, пурсидам: “Оё бахши ИНТ дар Панҷакент қабулгоҳ дорад?”. Устод бо табассум нишастҳои назди Кохи фарҳангро нишон дода, гуфтанд: “Агар ҳамин нишастгоҳ ҳолӣ бошад, чанд лаҳза ба қабулгоҳ ва идораи ман табдил меёбад”.**

*- Ин дафъа бо устод Исмоил Зарифӣ рӯ ба рӯ шудед, гӯед, ки дар он нишастгоҳ камтар зоҳир шаванд, вагарна, шояд ба супоридани иҷорапулӣ ҷалб гарданд.*

# ТРАМП МУҲЛАТ БА ПУТИНРО КАМ КАРД

**Доналд Трамп, президенти Амрико гуфт, муҳлати таъйиншуда барои созиши оташбас бо Украинаро, ки ба Владимир Путин, Президенти Русия дода буд, то 10-12 рӯз кам мекунад.**



Трамп дар ин бора рӯзи 28-уми июл дар шаҳри Турнберри дар Шотландия суҳбат кард ва ба хабарнигорон гуфт, аз Путин “бисёр ноумед аст” ва ниёзе ба сабр барои поёни мухлати 50-рӯза, ки аввали моҳи ҷорӣ таъйин кард, надорад. Ӯ аз Маскав хоста буд, ки дар муддати 50 рӯз бо Украина созиши сулҳ бандад, вагарна таҳти таҳримоти сахттаре қарор мегирад.

Ӯ гуфт: “Ман аз имрӯз мухлати нави 10 то 12-рӯза таъйин мекунам”. Доналд Трамп, ки ҳамроҳ бо Кайр Стармер, нахуствазири Британиё суҳбат мекард, ҳамчунин гуфт: “Вақте шумо бо касе ба андозаи кофӣ муомила дошта бошед, мефаҳмед, ки чӣ кор хоҳад кард ва ё чӣ кор нахоҳад кард. Ман ба Путин як фурсат додам, вале ӯ аз он истифода набурд”.

Доналд Трамп рӯзи 14-уми июл ҳангоми эълони мухлати аввалияи 50-рӯза таҳдид кард, ки ба зидди Русия “тарифаҳои бисёр сахт” ва ё боҷи гароне ҷорӣ мекунад ва афзуд, мумкин аст, боҷи иловагӣ аз он кишварҳое ситонида шавад, ки аз Русия нафту газ мехаранд. Доналд Трамп баъди эълони мухлати кӯтоҳтар афзуд: “Мумкин аст, мо ҳанӯз ҳам бо Русия ба созиш бирасем, вале акнун бисёр дер шуд”.

# КИШВАРҲОИ АРАБӢ ҲАМОСРО МАҲКУМ КАРДАНД

**Дар як иқдоми бесобиқа кишварҳои арабӣ ҳамроҳ бо Иттиҳоди Аврупо бо нашри як баёния хостори халъи силоҳи Ҳамос ва поёни ҳукмронии ин гурӯҳ дар Навори Ғазза шуданд.**



Изҳороти ин кишварҳо дар ҳамоише бо ҳадафи ташкили ду кишвар бо номҳои Исроил ва Фаластин эҷод гардид. Дар маҷмӯъ 17 кишвар, аз ҷумла ниҳодҳои байналмилалӣ аз матни ин изҳорот ҳимоят намуданд.

“Дар доираи хотима бахшидан ба ҷанг дар Ғазза Ҳамос бояд ба ҳукмронии худ дар Ғазза хотима бахшад ва силоҳҳои худро ба маъмурияти худгардони Фаластин таслим намояд, бо ҳамкории байналмилалӣ ва ҳимояти ҷаҳонӣ ва бо ҳадафи таъсиси давлати мустақил ва соҳибихтёри Фаластин”,- зикр шудааст дар изҳорот.

Ин изҳорот ҳамчунин ҳамлаҳои маргбори Ҳамос дар 7-уми октябри соли 2023 бар зидди Исроилро, ки ба оғози ҷанги ахир сабаб шуд, маҳкум мекунад.

Дар ҳамин ҳол Жан Ноэл Баро, вазири корҳои хориҷии Фаронса, ки кишвараш бо Арабистони Саудӣ ҳамраиси он буд, ин изҳоротро “таърихӣ ва бесобиқа” арзёбӣ карда, гуфт: “Барои бори аввал кишварҳои арабӣ на фақат Ҳамос ва рӯйдодҳои 7-уми октябрро маҳкум карданд, балки хостори халъи силоҳ ва хориҷ кардани он аз сохтори ҳокимияти Фаластин шудаанд ва алоқаи худро ба одӣ кардани муносибатҳо бо Исроил баён намудаанд”.

Амрико дар ин қазия ҳамроҳи кишварҳо нест ва дипломатҳои он аз ин тасмим ҳимоят накардаанд. Ин санад аз ҷониби кишварҳои ғарбӣ, аз ҷумла Фаронса, Британия ва Канада низ имзо шудааст ва дар он пешниҳод шуд, ки баъд аз анҷоми даргириҳо як неруи байналмилалӣ барои таъмини субот дар Ғазза мустақар гардад.

Дар ин нишаст ва ҳампаймони асосии он Иёлоти Муттаҳида ширкат наварзидаанд. Бо ин вуҷуд дар изҳорот таъкид мешавад, ки неруи байналмилалӣ бояд “бо даъвати маъмурияти худгардони Фаластин ва зери назорати Созмони Милали Муттаҳид, дар доираи принсипҳои он ва бо иҷозаи Шурои амният бо ҳимояти муносиби минтақавӣ ва байналмилалӣ амал кунад.

Тибқи гузориши расонаҳо ин изҳорот нуқтаи гардише дар мавқеи кишварҳои арабӣ нисбат ба Ҳамос ва раванди сулҳи Ховари Миёна арзёбӣ мешавад ва метавонад роҳи наверо барои музокироти сиёсиву амниятии ояндаи минтақа ҳамвор созад.

# БОЗ ЯК БАҲОНА БАРОИ МАНЪИ ВУРУД БА РУСИЯ

**Сарҳадбонони Русия барои обуна шудан ба саҳифаи гурӯҳҳои тундрав ва ҳам шабакаҳои тарафдори Украина чандин шаҳрванди Тоҷикистон ва Ӯзбекистонро ба Русия роҳ надодаанд. Дар ин бора хабаргузории ТАСС баъди омӯзиши чанд парванда гузориш додааст.**



Ба қавли манбаъ, дар яке аз парвандаҳо омадааст, ки дар вақти тафтиши телефони шаҳрванди Тоҷикистон Дилшоди А. муайян шуд, ки ӯ ба саҳифаи яке аз гурӯҳҳои мамнуъ дар “Ютуб” обуна шуда, инчунин наворҳои таблиғотии зидди Русияро тамошо кардааст. Ӯро барои ҳамин ба Русия роҳ надодаанд. Дар хабар гуфта нашудааст, ки шаҳрванди Тоҷикистон ба саҳифаи кадом гурӯҳ обуна шудааст.

Айни кор бо як шаҳрванди Ӯзбекистон сурат гирифтааст, ки ӯро ҳам барои тамошои наворҳои яке аз блогерони тундрав ба Русия роҳ надода ва аз ҳақи вуруд ба ин кишвар маҳрум кардаанд. Номи ин блогер нашр нашудааст.

ТАСС менависад, ки чанд нафари дигар барои обуна шудан ба саҳифаҳои тарафдори Украина ва маҳкум кардани ҷанги Русия алайҳи Украина дар паёмакҳо, аз сарҳади Русия бозгардонида шудаанд.

Ба гузориши ин хабаргузорӣ, дар ним соли ахир дастикам 20 шаҳрванди Тоҷикистон ва Ӯзбекистон аз қарори сарҳадбонон дар бораи манъи вурудашон ба Русия шикоят кардаанд. Аммо ба гузориши ТАСС, додгоҳ ҳамаи ин даъвоҳоро рад карда ва қарори марзбониро дуруст ҳисобидааст. Тафтиши муҳоҷирони тоҷик ба Русия баъди ҳамлаи террористӣ ба толори консертии "Крокус" дар моҳи марти соли 2024 зиёд шуд.

## *Аз нишастҳои матбуотӣ*



**Дар ноҳияи Ашт ояндаи наздик корхонаи бузурги коркади зардолу сохта ба истифода дода мешавад.**

Дар ин бора раиси ноҳия Шуҳрат Муҳаммадзода зимни баргузории нишасти матбуотӣ ба рӯзноманигорон иттилоъ дод. Вай таъкид кард, ки корхона бо иқдоми соҳибкор Саидмурод Давлатов сохта мешавад. Ҳоло таҷҳизот аз Италия барои коркарди зардолу фармоиш дода шудааст. Раиси ноҳия афзуд, ки бунёди корхонаи коркарди зардолу иқдоми сариватқтӣ буда, кори бештари сокинони ноҳияро осон мекунад. Зеро бештари аҳолии ноҳия ба зардолупарварӣ машғул мебошанд.



**Дар вилояти Хатлон дар 5 ҳазору 705 гектар замин пиёз кишт шудааст. Ин ҳам дар ҳолест, ки дурнамои кишти ин навъи маҳсулот 10 ҳазору 700 гектар буд.**

Баҳром Ҳасанзода, сардори Сарраёсати кишоварзӣ дар вилояти Хатлон дар нишасти хабарӣ зикр кард, ки нақша андаке бештар аз 53 дарсад иҷро шудааст. Ӯ таъкид кард, ки сабаби асосии иҷро нашудани нақша арзонии нархи ин навъи маҳсулот дар бозорҳои кишвар буд.

“Соли гузашта пиёз арзон шуд. Дар шаш гектар замин пиёз кишт кардем. Ҳосили 4 гектарро ба яке аз қисмҳои ниёзӣ додем ва замини боқимондаро шудгор кардем”,- гуфт номбурда.



**Дар ноҳияи Спитамен давоми шаш моҳи соли равон аз ҷониби кормандони шабакаҳои тақсимоти барқ 54 ҳолати ғайриқонунӣ истифода бурдани неруи барқ ошкор шудааст.**

Раиси ноҳияи Спитамен Темур Нуъмонзода аз ин ҳолат изҳори нигаронӣ карда, афзуд, ки аксари қонунвайронкунандагон сокинони оддии ноҳия буда, муаммо дар ҳисобкунакҳои кӯҳнаи барқии онҳо аст. Ба иттилои масъулин, зарари расида ба шабкаҳои тақсимоти барқ дар умум ба 234 ҳазор сомонӣ баробар шудааст.

# ЛИФТ, ЭСТАКАДА ВА БОҒИ ҲАЙВОНОТ

## Дар нишасти шаҳрдорӣ чӣ гуфтанд?

**Дар нишасти матбуотии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, ки 26-уми июли соли равон баргузор шуд, масъулин як қатор ташаббусҳои муҳими шаҳрсозиро муаррифӣ карданд. Аз ҷумла, масъалаҳои насби лифтҳои муосир, кӯчонидани Боғи ҳайвонот, сохтмони 7 эстакада, беҳтарсозии ҳоҷатхонаҳои ҷамъиятӣ ва рафъи мушкили танбашавии нақлиёт баррасӣ гардид.**




### ЛИФТҲО НАВ МЕШАВАНД

Бахтиёр Шарифӣ, муовини аввали раиси шаҳри Душанбе дар нишаст гуфт, ки дар биноҳои кӯҳнаи пойтахт, ки аксаран дар давраи шуравӣ сохта шудаанд, лифтҳои замонавӣ насб хоҳанд шуд. Ба гуфтаи ӯ, насб ва истеҳсоли лифтҳо ба ширкати ватании «Тоҷикгирдоэлектромонтаж» вогузор шудааст.

"Ҳар бино лифти ба худ хос дорад, бинобар ин лоиҳаҳо мутобиқ ба шароити махсус таҳия мешаванд",- гуфт Шарифӣ.

Дар ин замина, масъулин ду роҳи маблағгузорӣ - бучаи шаҳр ва ҷалби грант ё сармоягузори хусусиро пешниҳод карданд. Аммо санаи мушаххаси оғози насби лифтҳо ҳоло маълум нест.

### БОҒИ ҲАЙВОНОТ МЕКӮЧАД

Толиб Раҳимзода, муовини дигари шаҳрдор гуфт, ки Боғи ҳайвонот аз марказы шаҳр ба роҳи самти шаҳри Ҳисор кӯчонида хоҳад шуд. Айни ҳол, барои ҷудо кардани қитъаи замин дар шоҳроҳи Душанбе-Ҳисор чораандешӣ мешавад.

"Боғи имрӯзаи мо мувофиқи меъёрҳои замони шуравӣ сохта шудааст, вале имрӯз стандартҳои байналмилалиро бояд риоя кунем",- гуфт Раҳимзода.

Мақомот мегӯянд, ки қаблан чанд мавзеъ барои чойгиркунии боғи нав пешниҳод шуда буданд, вале масоҳати онҳо барои ҳайвонот ва муҳити кушода кофӣ набуд.

### БУНЁДИ 7 ЭСТАКАДА

Дар нишаст ҳамчунин Бахтиёр Шарифӣ иттилоъ дод, ки барои рафъи танбашавии нақлиёт дар Душанбе 7 эстакада сохта мешавад. Барои ин кор 58 миллион доллари амрикоӣ аз ҳисоби грант ҷалб карда мешавад.

"Бо ҷалби мутахассисони дохилӣ ва хориҷӣ корҳои сохтмон оғоз мешаванд",- таъкид кард муовини шаҳрдор.

Эстакадаҳо дар буришҳои сернақлиёти шаҳр, аз ҷумла кӯчаи Шерализода бо хиёбони Ҳофизи Шерозӣ, хиёбонҳои Ҳофизи Шерозӣ, Саъдии Шерозӣ ва кӯчаи Қаҳҳоров, буриши Айнӣ ва Назаршоев ва нуқтаҳои дигар сохта хоҳанд шуд.

Санаи дақиқи оғози сохтмон муайян нашудааст, аммо масъулин мегӯянд, ки корҳо дар соли 2025 оғоз меёбанд.

### БУНЁДИ ҲОҶАТХОНАҲОИ БИОТИКӢ

Яке аз масъалаҳои дигаре, ки дар нишаст матраҳ шуд, норасоии ҳоҷатхонаҳои ҷамъиятӣ дар пойтахт буд.

Муовини шаҳрдор ин норасоиҳоро "мушкили ҷиддӣ" унвон кард.

"Ин масъала аз ҷониби сайёҳон низ пайваста зикр мешавад",- гуфт Шарифӣ.

Ба гуфтаи ӯ, сохтмон ва ҷойгиркунии ҳоҷатхонаҳои биотикӣ дар манотиқи гуногун ба нақша гирифта шудааст. Аммо на шумора ва на маҳали аниқи онҳо дар нишаст ироа нагардид.

### РАФЪИ ТАНБАШАВИИ НАҚЛИЁТ

Мақомоти шаҳр инчунин аз омодасозии нақшаҳои муфассал барои рафъи танбашавии нақлиёт ва таъмири роҳҳои марказӣ хабар доданд. Ин барномаҳо дар ҳамоҳангӣ бо сохторҳои нақлиётӣ ва ниҳодҳои техникӣ татбиқ хоҳанд шуд.

Тибқи гуфтаҳои масъулини шаҳрдорӣ, лоиҳаҳои зикршуда бахше аз нақшаи умумии рушди зерсохторӣ ва шаҳрсозии солҳои 2025-2030 мебошанд.

Бо татбиқи ин тадбирҳо, Душанбе ба сатҳи нави ободӣ ва муосирсозии муҳити шаҳрӣ қадам хоҳад гузошт.

**Суман Убайдуллозода**

# БА ДУШАНБЕ БЕШ АЗ 11 ҲАЗОР ЭЛЕКТРОМОБИЛ ВОРИД ШУД

**Бо мақсади амалӣ намудани "Барномаи рушди нақлиёти барқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2028" ба шаҳри Душанбе зиёда аз 11 ҳазор воситаи нақлиёти барқӣ -электромобил ворид карда шуд.**

Дар ин бора дар ҷараёни нишасти матбуотии шаҳрдори пойтахт муовини аввали Раиси шаҳри Душанбе Бахтиёр Шарифӣ хабар дод. Зикр гардид, ки ҳамзамон бо ворид кардани нақлиёти барқӣ 400 дастгоҳ ва таҷҳизоти махсуси пуркунандаи қувваи барқ низ ба пойтахт оварда шудааст. Ба гуфтаи ӯ, ҳамаи ин таҷҳизот дар нуқтаҳои махсуси шаҳр васлу насб хоҳанд шуд ва барои таъмини босамари ҳаракати электромобилҳо чораҳои зарурӣ фароҳам меоранд.

Гуфта шуд, ки дар заминаи рушди хукумати электронӣ ва баланд бардоштани сатҳи хизматрасониҳо дар бахши иқтисоди рақамӣ, феълан лоиҳаи "Digital Dushanbe" (гузариши хуҷҷатгузории электронӣ) дар 221 зерсохтори мақомоти давлатӣ ҷорӣ гардидааст, ки зиёда аз 1070 утоқи кориро дар бар мегирад.

Ёдовар мешавем, ки "Барномаи рушди нақлиёти барқӣ" дар Тоҷикистон бар асоси Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 21-уми декабри соли 2021 таҳия шуда, онро Вазорати нақлиёт таҳия кардааст. Барнома бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми октябри соли 2022 расман ба тасвиб расидааст.

*Аз нишастҳои матбуотӣ*



**Вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода зимни нишасти матбуотӣ таъкид кард, ки қабули кӯдакон ба синфи якум дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар ройгон анҷом дода мешавад.**

Ба гуфтаи ӯ, талаб кардани маблағ аз волидон ғайриқонунӣ аст.

Вазир дар мавриди марги кӯдаки дусола дар кӯдакистони хусусии "Саволу ҷавоб"-и шаҳри Душанбе гуфт, ки парванда ба анҷом расида, ба додгоҳ ирсол шудааст. Тафтиши пешакӣ нишон додааст, ки фаъолияти кӯдакистони "Саволу ҷавоб" ғайриқонунӣ аст.



**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар шаш моҳи аввали соли 2025 ба дастовардҳои назаррас ноил шуда, теъдоди донишҷӯёни навкабулро ба маротиб афзоиш додааст.**

Ба иттилои ректори донишгоҳ Убайдулло Асрорзода, дар даври якуми қабули имсола 3235 донишҷӯ ба донишгоҳ дохил шудаанд. Ин панҷ маротиба бештар аз хатми донишҷӯён дар соли ҷорӣ мебошад.

Таъкид гардид, ки ҳоло беш аз 15 ҳазор донишҷӯ дар донишгоҳи мазкур ва зерсохторҳои он таҳсил мекунанд. Донишгоҳ дорои се донишкада дар Хуҷанд, Левакант ва Данғара, ду коллеҷ ва чор литсейи касбӣ мебошад, ки дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд ва Левакант фаъолият доранд.



**Дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон мутахассисон аз рӯйи 36 ихтисоси бакалавр, 10 магистратура, 13 ихтисоси PhD ва 7 ихтисоси таҳсилоти олии дуюм омода мешаванд.**

Тавре ректори донишгоҳ Хайрулло Назарзода зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод, соли 2025 дар маҷмӯъ 845 донишҷӯ донишгоҳро хатм карда, 11 нафари онҳо соҳиби дипломи аъло гардидаанд. Барои таълими донишҷӯён донишгоҳ дорои 7 бино, 142 синфхона бо 4722 ҷои нишаст, 8 синфхонаи компютерӣ, 3 синфхонаи лингафонӣ, 3 осоишгоҳи таълимӣ, китобхонаи илмӣ, 250 камераи назоратӣ ва 8 SMART TV мебошад.

# ВАҚТЕ КИ ҲАҚИҚАТ ТИР ХӮРД

(Идома аз шумораҳои гузашта)



### АЗ ХОТИРОТИ ҲАМСАРИ ВИКТОР ПЕТРОВИЧ

- Шавҳарам он шаб барнагашт. Мо бо Муродуллоҳ ба таҳлука афтода будем, ҳудро чор тараф мезадем, аммо ҳеҷ маълумоте ба даст оварда натавонистем.

Он шаб шабе буд, ки гӯё тамоми Кобул дар оташ нафас мекашид.

Муродуллоҳ маро ба хонаи худаш бурд, нагузошт, ки ба хона баргардам. Ҳамроҳи хамсараш Хосият ва ду писараш - Эраҷ ва Ҷовид, духтараш Нигина дар хонаи ӯ мондем. Телефонҳо хомӯш. Аз бемористон хабар нест. Шаб аз нисф гузашта буд, аммо ҳанӯз шавҳарам аз қасри Тоҷбек барнагашта буд. Набудани ӯ ишорае буд, ки аз фоҷиае гувоҳӣ медод.

Муродуллоҳ он шаб хомӯш буд. Фақат пайваста ба худ савол медод:

- Чаро ман нарафтам? Агар ман мебудам...

Ҳар вақт ки сардухтур ба табобати Амин мерафт, маро ҳамроҳ мебурд...

Ба мутахассисони шӯравӣ дастур шуда буд, ки берун набароянд, дарро боз накунанд. Аз дили торикии шаб тир хуштак мекашид. Садои баланди парвози тайёраҳои низомӣ фазоро ноором мекард. Тани шаҳр аз зилзилаи ҳаракати танкҳо меларзид.

Муродуллоҳ дар кунҷи хона менишаст. Шонаҳояш фурӯ рафта буданд. Даст дар гиребон дошт. Ӯ, ки як тарҷумони варзидаю сиёсатшинос буд, ҳоло хомӯшӣ ихтиёр карда буд. Аз чашмонаш мепурсидам: "Шумо низ хавотиред?". Ӯ фақат сар меҷунбонд:

- Агар ман он ҷо мебудам...

Аммо он ҷо набуд. Ва ман медонистам: худо нахост, ки он ҷо бошад.

Фардои он шаб ҷасади шавҳарамро бо сару рӯйи хунолуду тани тирхӯрда ба бемористон оварданд. Либоси сафеди духтурияш ба парчами сурх монанд шуда буд. Танҳо баъдтар фаҳмидем, ки ӯро ҳамон шаб шояд бо Амин, ё каме пас аз ӯ бо гумоне ё тасодуфан паррондаанд. Шояд номаш дар феҳрасти "нобоварон" афтода буд. Шояд ба сабаби як саволи зиёдатӣ, ё як нигоҳе, ки маънӣ дошт. Он шаб касе тафтиш намекард, ки ту кӣ ҳастӣ: табиб, тарҷумон, ё танҳо ҳамсари як зани танҳомонда.

Аммо як чиз рӯшан буд: як марди бесилоҳ, беайб, дар роҳи хизмат, дар тан хилъати духтурӣ дигар ба хона барнагашт.

Он рӯз Муродуллоҳ, ки бо шавҳарам солҳо дар як бемористон кор мекард, ором, бе гуфтор, дар кунҷи роҳрави бемористон нишаста буд. Чеҳрааш мисли деворҳои кӯҳнаи кох хомӯш, пур аз нидоҳои ногуфта. Вай чизе намегуфт, вале медонистам, ки дарун - дарун мисли ман месӯхт.

### МАРГИ АМИН ВА ПОЁНИ ЯК ОРМОН

Он шаб Аминро заҳр доданд. Вақте муътақид шуданд, ки заҳр барои марги фаврӣ басанда нест, корро бо тир анҷом доданд. Ва ҷасадро дар шаби торик ба як обкандае андохтанд, рӯяшро хоку хас пӯшониданд, то дигар ҳаргиз барнахезад.

Ҷасади раҳбари якуми пас аз Таракӣ, ки бо шиорҳои адолати иҷтимоӣ ва мардумгароӣ сари қудрат омада буд, акнун зери хоку хун, дар гӯшаи номаълуме, бе маросим, бе санги қабр ҷой дода шуд.

Онҳое, ки ӯро ҳукумат дода буданд, акнун бо сардии хоси давлатдорӣ ва тарҳи геосиёсӣ ӯро нест карданд.

Ҳамин «инқилоб» буд - ҳам зоянда ва ҳам кушанда.

Ва мардуми Афғонистон, ки дар миёни тир ва шиор, дар миёни тарс ва ваъда хомӯш нишаста буданд, дигарбора як раҳбари навро, як лоиҳаи дигарро ва як замони дигарро интизор монданд...

Он шаб на танҳо як раҳбар кушта шуд, балки як давраи пурошӯб ва хатарзо барои Афғонистон поён ёфт.

Аммо сарнавишт боз ҳам бо мардуми Афғонистон бозӣ мекард...

Субҳи дигар, дар Кобул чеҳраи Бабрак Кармал - сиёсатмадори чапгарое, ки чанд сол боз дар ҳиҷрат буд, намоён шуд ва ӯ аз радио суханронӣ кард. Ӯ гуфт: "Мо ба роҳи ҳақиқии халқ бармегардем. Сиёсат бояд дар хидмати мардуми оддӣ бошад, на барои қудратпарастӣ".

Аммо таърих шоҳид аст: он шаб низ, мисли ҳар шаби сиёсат, пирӯзӣ аз они ҳақ набуд, аз они зӯр буд.

### БОЗГАШТИ БАБРАК КАРМАЛ

Дар пасманзари субҳи 28-уми декабр, вақте ҳавои Кобул ҳанӯз бӯи боруи шаби гузашта дошт, садои чархболҳо фазоро дарида, абрҳои баландро ба парешонии нав мекашиданд. Садои чархболе, ки раҳбари нав - Бабрак Кармалро меоварда, ба гӯш расид.

Дар фурудгоҳи низомии Баграм зимистони сард чашм ба як чеҳраи гарм кушод. Бабрак бо чеҳраи ҷиддӣ, пироҳани расмии сиёҳ ва нигоҳи шахшуда поён шуд. Ӯ намехандид, намегирист, танҳо роҳ мерафт. Ҳар қадамаш мисли пурсиши таърих буд: "Оё ман сазоворам, ки баргардам?".

Ӯро ронандагони рус ва мушовирони ҳарбӣ пешвоз гирифтанд, вале чашмҳо бештар моломоли тарсу эҳтиёт буданд, на эҳтиром. Онҳо медонистанд: ин бозгашт ҳам дастурӣ аст, ҳам зарурӣ. Кармал дар овози фурӯзонаш чизи дигаре дошт - на он дилгармии оммавии Таракӣ, на он қаҳру ғазаби Амин. Ӯ хомӯш буд. Хомӯшӣ, ки меҳост бо сухани дигар садо диҳад.

Баъд аз чанд соат, дар Қасри раёсати ҷумҳурӣ, ки шаби гузашта хун аз фаршаш шуста шуда буд, ҷаласае доир гардид. Генерал Борис Ткач, сафири шӯравӣ, фармондеҳони ҳарбӣ ва гурӯҳи нави ҳукумат - ҳама ҳозир. Бабрак дар марказ нишаст. Ӯ суханро оҳиста оғоз кард: "Бародарон, дӯстон... Афғонистон аз гирдоби хунин баромада истодааст. Аммо барои ин баъзеҳо бояд мерафтанд".

Ҷузъиёт гуфта нашуд, номе гирифта нашуд. Аммо ҳама медонистанд: ишора ба Амин буд. Он шаб ӯро сарнагун карданд, то бегоҳӣ Бабракро баргардонанд.

Вай суханро бо "бародарони коммунист" оғоз намуд ва анҷомашро бо "фарзандони ин миллат" хулоса кард. Дар ҳар калима намаке аз талхии таърих буд. Ӯ медонист, роҳе дар пеш дорад, ки мисли туршиву ширинии сафари ночиз аз боздоштгоҳи Чехословакия то қасри Кобул аст.

Ва аз ҳамон рӯз, як чеҳраи пурроз - Кармал, ки дер боз аз саҳнаи сиёсӣ дур шуда буд, боз ба саҳна баргашт. Вале бо чӣ?

### ФУРӮПОШИИ ҲУКУМАТИ КАРМАЛ ВА НОКОМИИ ТАРҲИ ШУРАВӢ ДАР АФҒОНИСТОН

Сарнавишти ҳукумати Бабрак Кармал роҳ рафтан болои тори нимсӯхтаро мемонд, ки ҳар қадами пеш рафтан маънии наздик шудан ба чоҳ афтоданро мемонд. Ӯро на қаҳрамонӣ ба қудрат оварда, на эътимоди мардум, балки тире аз туфанги тақдире буд, ки аз торикии як маркази қудрат холӣ шуд. Ҳамин ки режими Ҳафизуллоҳ Амин сарнагун гардид, Кармал чун лӯхтаке ба саҳнаи сиёсии Кобул партофта шуд.

Дар Афғонистон ба ҷои оромӣ боз як марҳилаи ноороми сиёсӣ оғоз шуд. Кармал бо як чеҳраи мулоим, вале бо дастуре қатъӣ вориди қасри ҳукумат гардид. Аммо мардум медонистанд: ӯ на раҳбар, балки намояндаи иродаи дигарон аст, касе, ки бо забони тоҷикӣ суҳбат мекард, вале бо дили дигарон меандешид.

Афғонистон боз ба саҳнаи бозии нерӯҳои хориҷӣ табдил ёфт. Аммо масъала ин набуд, ки Кармал кист. Масъала он буд, ки чаро Афғонистон дигар ба ҳеҷ роҳбаре аз боло эътимод надошт.

Ҳамон лаҳзаи аввале, ки Кармал пой ба қасри раёсат гузошт, рӯшан буд: ин ҳукуматро на мардум интихоб кардааст, на парламент, балки он аз бадани ҷанг хест, бо дасти хориҷӣ. Ва мардум чунин раҳбарро на раҳнамо, балки рамзи ишғолгарӣ медонистанд.

Шахсияти Кармал - сиёсатмадори таҳсилдида, рутбадор ва суханвари ҳизбӣ дигар натавонист монеаи як маъно гардад: «Ҳукумати ӯ идомаи ишғол аст».

### ҶАНГ ДАР ДУ ҶАБҲА: ДОХИЛ ВА ДОХИЛТАР

Ҳизби халқии демократии Афғонистон (ҲХДА) аз ду ҷинохҳи оштинопазир иборат буд: Халқ ва Парчам. Ва Кармал, ки ба ҷиноҳи Парчам мансуб буд, на танҳо ба муқовимати мардум рӯ ба рӯ шуд, балки дар дохили ҳизб низ мавриди шубҳа қарор дошт. Бисёре аз шӯришгарон ва низомиёни боло дар назар доштанд, ки Кармал натавонистааст хати шуравиро ба дурустӣ татбиқ кунад ва бояд равад.

Соли 1985 Михаил Горбачёв - раҳбари тозаинтихоби КПСС дар яке аз суханрониҳои худ бо як ҷумлаи кӯтоҳ, вале сарнавиштсоз гуфт: «Мо бояд барои Афғонистон роҳи ҳалли сиёсӣ пайдо кунем».

Дар зоҳир ин як изҳороти дипломатӣ буд, аммо дар пасманзари сиёсати Кремл маънои амиқтаре дошт: "Бабрак Кармал бояд равад". Ва ҳамин тавр ҳам шуд.

Дар соли 1986, бидуни шӯру воҳима, бидуни интихобот ва ҳатто бе расмиёти оддии истеъфо Бабрак Кармал, ки борҳо бо овози гиряолуд дар минбарҳо аз дӯстӣ, аз инқилоб, аз мардум ва аз Ленин ёд мекард, хомӯшона аз қудрат канор рафт.

Курсии ӯро Наҷибуллоҳ, раҳбари КГБ-и афғон (ХАД), шахсе бо мафкураи амниятӣ, бо сари баланд, аммо дили пур аз хатар ишғол кард.

Кармал рафт - чунон ки омада буд. Бе овоз, бе раъй, бе озодӣ. Шикасти ҳукумати ӯ ногаҳонӣ набуд. Он сарнавишт буд.

Ҳукумати Кармал аз оғоз бар ҳокистари норизоиятӣ бунёд ёфта буд. Ӯ роҳбари давлате гашт, ки:

*- ҳеҷ гоҳ пуштибонии воқеии мардумро надошт;*

*- дар миёни ду ҷиноҳи душмани ҳизбӣ - «Халқ» ва «Парчам» даргир монд;*

*- дар васати мардум ва маънии "истиқлол" чун сардори худкома ва дастнишондаи хориҷӣ тафсир мешуд;*

*- бо нерӯҳои низомии Иттиҳоди Шӯравӣ ҳифз мегардид, ки худ мояи ранҷи миллат буд.*

Кармал раҳбаре буд, ки дар хоки Афғонистон бе реша ва бе ормон сар баровард. Ӯ реша надошт, зеро аз замин барнарасида буд - аз осмон, аз фармон, аз сатрҳои махфии сиёсати ҷаҳонӣ поин фаромада буд.

Пояи ҳукумате, ки бар тасмими дигарон устувор аст, бар дили мардум такя надорад ва ҳамин кофист, ки сикоти он фурӯ резад.

Кармал рафт. На бо тӯри таърих ва на бо гиромидошти миллат, балки бо пардаи хомӯшӣ ва як ибораи сахти сиёсӣ: «Роҳи ҳалли сиёсӣ».

(Давом дорад)

Шариф Ҳамдампур

ЭНЕРГЕТИКА

# ПРЕЗИДЕНТИ МУҒУЛИСТОН ДАР НБО-И «РОҒУН»



**Президенти Муғулистон Ухнаагийн Хурэлсух дар доираи сафари давлатӣ ба Тоҷикистон аз Неругоҳи барқи обии «Роғун» боздид кард. Ӯ ин иншооти муҳимро ҳамчун маркази калидии энергетикӣ барои тамоми минтақа арзёбӣ намуд.**

Президенти Муғулистонро директори генералии НБО-и «Роғун» Хайрулло Сафарзода пешвоз гирифт. Сипас, ӯ ва ҳайати ҳамроҳонашро муовини Сарвазири мамлакат Усмоналӣ Усмонзода ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ намуда, онҳоро бо рафти корҳои сохтмонӣ ва фаъолияти неругоҳ шинос намуданд.

Ҳайати меҳмонон аз бахшҳои муҳими неругоҳ, аз қабили системаи обпарто дар нақби СТ-4, минтақаҳои тақсимоти асосии барқ ва толори мошинҳо дидан карданд.

Ёдовар мешавем, ки сафари давлатии Президенти Муғулистон ба Тоҷикистон бо даъвати Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон рӯзҳои 23-26-уми июл идома кард. Зимни ин сафар 10 санади ҳамкорӣ байни ду кишвар ба имзо расиданд.

Ба андешаи таҳлилгарон, ин сафар на танҳо барои густариши муносибатҳои сиёсӣ, балки ҳамчун оғози марҳилаи нави ҳамкории иқтисодӣ, энергетикӣ ва фарҳангӣ миёни ду кишвар махсуб мешаванд.

ТИҶОРАТ

# $4,7 МИЛЛИАРД

## Аз афзоиши савдо то содирот ба 50 кишвар



**Содироти молу маҳсулот яке аз воситаҳои асосии таъмини устувори иқтисод ва рушди кишварҳои рӯ ба рушд ба ҳисоб меравад. Тоҷикистон низ дар чанд соли охир таваҷҷуҳи бештар ба содирот, диверсификатсияи бозорҳои хориҷӣ ва афзоиши ҳаҷми маҳсулоти ватанӣ равона кардааст.**

### АФЗОИШИ САВДОИ ХОРИҶӢ

Тибқи маълумоти Хуршед Зухурзода, муовини якуми директори Агентии содирот, дар нимсолаи аввали соли 2025 гардиши умумии тиҷорати хориҷии Тоҷикистон ба беш аз 4 миллиарду 731 миллион доллар расидааст. Ин нишондиҳанда 316,8 миллион доллар бештар нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта мебошад. Чунин афзоиш далели равшани динамикаи мусбати содирот ва самаранокии сиёсати иқтисодии давлатӣ мебошад.

Ба иттилои Агентии содироти назди Ҳукумати Тоҷикистон, дар ин давра маҳсулоти ватанӣ ба 50 кишвари дунё содир шудааст. Панҷ кишвари асосии шарики тиҷоратии мо - Нидерландия, Чин, Туркия, Ӯзбекистон ва Русия бештари ҳиссаи содиротро ба худ ихтисос додаанд.

### МАРЗҲОИ БОЗ ЗАМИНАИ РУШДИ САВДО

Як намунаи возеҳ аз пешрафти равобити иқтисодии минтақаӣ барқарор гардидани гардиши савдо бо Қирғизистон мебошад. Дар шаш моҳи соли 2025 ҳаҷми савдои мутақобила ба 9,4 миллион доллар расида, 3,4 миллион доллар зиёдтар аз ҳамин давраи соли гузашта будааст.

Аз ин ҳисоб 2,1 миллион доллар ба содироти маҳсулоти Тоҷикистон рост меояд, ки нисбат ба соли гузашта 1,5 миллион доллар ё 3,7 маротиба афзоиш ёфтааст. Ин нишон медиҳад, ки марзҳои боз ва муносибатҳои барқароршуда, хусусан дар минтақаҳои ҳаммарз, метавонанд омили муҳимтарини таҳкими ҳамкориҳои иқтисодӣ ва афзоиши даромадҳои миллӣ гарданд.

### ЧӢ СОДИР МЕКУНЕМ?

Ҳоло Тоҷикистон ба Қирғизистон асосан мева ва сабзавоти тару тоза ва хушкшуда, обҳои ташнагишикан, қувваи барқ, маҳсулоти сохтмонӣ ва дигар маводи аввалия содир мекунад. Ин нишон медиҳад, ки содироти Тоҷикистон бештар аз маҳсулоти кишоварзӣ ва табиӣ вобаста аст. Аммо барои расидан ба сатҳи баланди рақобатпазирӣ, ниёз ба содироти молҳои саноатӣ, маҳсулоти коркардшуда зиёдтар мегардад. Маҳз ин гуна маҳсулот метавонанд саҳми назаррас дар иқтисоди кишвар гузоранд.

**Усмон РАҲИМЗОДА**

МАЪРИФАТИ МОЛИЯВӢ

# БЕХАТАР НИГОҲ ДОШТАНИ ПУЛ

**Дар ҷойи бехатар нигоҳ доштани пул низ аз кас ақлу дониш ва фарҳангро талаб мекунад. Дар замони рушди босуръати технология ва молияи рақамӣ, масъалаи бехатар нигоҳ доштани маблағ аҳамияти хосса пайдо кардааст. Бояд донем, ки пул на танҳо воситаи харид ва пасандоз, балки яке аз омилҳои асосии суботи иҷтимоӣ ва иқтисодии шахс ва ҷомеа мебошад. Аз ин рӯ, ташаккули фарҳанги молиявӣ ва бехатар зарурати замон гаштааст.**

### БЕХАТАР НИГОҲ ДОШТАНИ МАБЛАҒ ЧИСТ?

Бехатар нигоҳ доштани маблағ - ин раванди ҳифзи дорой аз хавфҳои гуногун мебошад. Аз ҷумла, дуздӣ, қаллобӣ, талафот дар натиҷаи беэҳтиётӣ ё истифодаи нодуруст. Ин амал ҳам чанд восита дорад. Масалан, баъзеҳо дар ҷевон ё сейф пулро нигоҳ медоранд. Бархеи дигар бошанд, маблағро дар ҳисобҳои бонкӣ бо риояи қоидаҳои амн нигоҳ медоранд. Аммо ба назар чунин мерасад, ки воситаи дуюм бехтару бехатар аст.



### ҚАДАМҲОИ МУҲИМ ДАР БОЛО БУРДАНИ ФАРҲАНГИ МОЛИЯВӢ

Бисёре аз мушкилоти молиявии шаҳрвандон аз набудани дониш ва малакаҳои оддии молиявӣ сар мезананд. Ҳолатҳои қаллобӣ тавассути телефон, интернет, гирифтани қарзи ғайрмақсаднок, сармоягузории нодуруст ва гум кардани маблағ дар натиҷаи беэҳтиётӣ - ҳама аз набудани фарҳанги молиявии бехатар гувоҳӣ медиҳанд.

Чанд қадами муҳим ҳаст, ки барои ташаккули фарҳанги бехатар замина мегузоранд.

**Якум,** маълумотнокӣ. Яъне, омӯзиши асосҳои молия, шиносоӣ бо хатарҳо ва роҳҳои пешгирии онҳо.

**Дуюм,** пасандоз. Одат кардан ба захираи маблағ барои ҳолатҳои фавқулода.

**Сеюм,** истифодаи бонкҳо. Нигоҳ доштани маблағ дар ҳисобҳои бонкӣ бехтар аз нигоҳ доштани пули нақд аст. Зеро он бо кафолати бехатарӣ таъмин мешавад.

**Чорум,** муҳофизати маълумоти шахсӣ. Ҳеҷ гоҳ маълумоти корт, PIN-код, SMS-рамз ва дигар иттилооти молиявиро ба шахсони ношинос додан лозим нест.

### НАҚШИ ВОЛИДОН ВА МАКТАБ

Омӯзиши фарҳанги молиявӣ бояд аз кӯдакӣ оғоз шавад. Волидон бояд ба фарзандонашон на танҳо арзиши пул, балки роҳҳои дурусти истифода ва ҳифзи онро омӯзонанд. Дар мактабҳо бошад, дарси молиявии амалӣ метавонад ояндаи насли солим ва соҳибмаърифатро таъмин кунад.

Дар маҷмуъ, шахсе, ки маблағашро дуруст ва бехатар нигоҳ медорад, суботи оилавӣ, иқтисоди шахсӣ ва ҳатто устувории иқтисодии кишварро таъмин менамояд.

*Аз нишастҳои матбуотӣ*



**Дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино айни ҳол 799 донишҷӯ тавассути квотаи президентӣ таҳсил доранд, ки 400 нафари онҳоро духтарон ташкил медиҳанд.**

Дар ин бора ректори донишгоҳ Нуриддин Муҳиддин зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод. Ӯ зикр кард, ки ҳамаи донишҷӯёни тибқи квотаи президентӣ таҳсилдошта бо хобгоҳ таъмин мебошанд.

“Мо дар донишгоҳ тамоми шароитро барои таҳсил ва рушди донишҷӯён муҳайё сохтаем. Ҳадаф омода намудани мутахассисони баландихтисоси тиббӣ аст”,- таъкид кард ректор.



**Дар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Маркази иттилоот, инноватсия ва рақамикунонӣ таъсис дода шуд.**

Марказ имконият медиҳад, ки лоиҳаҳои илмию таҳқиқотӣ дар заминаи технологияҳои муосир татбиқ карда шуда, донишҷӯён ба захираҳои электронии байналмилалӣ дастрасӣ пайдо намоянд. Дар ин хусус зимни нишасти матбуотӣ ректори ин донишгоҳ Жило Гулназарзода ба хабарнигорон иттилоъ дод.

Ҳамчунин, дар донишгоҳ баробари кафедраҳои амалкунанда кафедраи журналистика ва иттилооти рақамӣ таъсис ёфтааст.



**Дар нимсолаи аввали соли равон шумораи нашъамандоне, ки расман ба қайд гирифта шудаанд, 4002 нафарро ташкил медиҳанд, ки 64 нафар ё худ 1,6% камтар назар ба ҳамин давраи соли 2024 (4066 нафар) аст.**

Дар ин бора Зафар Самад, директори Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Тоҷикистон дар нишасти хабарӣ иттилоъ дод.

Таъкид гардид, ки дар Тоҷикистон имрӯз ба ҳар 100 ҳазор нафар ба ҳисоби миёна 40 шахси гирифтор ба нашъамандӣ рост меояд, ки ба гуфтаи ӯ "яке аз нишондиҳандаҳои пасттарин дар ҷаҳон аст".



*Нусратулло Зокирзода, ректори Донишкадаи исломии Тоҷикистон*



# БИНОИ НАВИ ДОНИШКАДАИ ИСЛОМӢ

**29-уми июл дар нишасти матбуотии Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими Тоҷикистон гуфта шуд, ки бинои нави Донишкадаи исломии Тоҷикистон, ки сохтмонаш соли 2018 дар шафати масҷиди нави Душанбе оғоз шуда буд, моҳи сентябр ифтитоҳ мегардад.**

Нусратулло Зокирзода, ректори Донишкадаи исломии Тоҷикистон гуфт, ки онҳо тақрибан як моҳ пас ба бинои нав мекӯчанд.

“Донишҷӯёни Донишкадаи исломӣ дар соли таҳсили нави 2025-2026 дар бинои нав таҳсил мекунанд”,- зикр кард Зокирзода.

Бинои нави Донишкадаи исломӣ дар кӯчаи Низоми Ганҷавии шаҳри Душанбе, дар шафати масҷиди калонтарини кишвар ҷойгир аст.

Бояд гуфт, ки сохтмони бинои нави Донишкадаи исломӣ соли 2018 оғоз шуда буд. Он барои 1 ҳазору 500 донишҷӯ дар як баст пешбинӣ гардида, аз ҷониби Ҳукумати мамлакат бо харҷи 136 миллион сомонӣ дар майдони қариб 3 гектар бунёд карда мешавад.

Бинои асосии он аз 5 қисм (блок)-и ҳафтошёна иборат аст. Тибқи лоиҳа, 3 қисми иншоотро асосан бинохои таълимӣ ва маъмурӣ ва 2 қисми дигарро хобгоҳҳои замонавӣ, толори муосири варзишӣ, ошхона, маҷлисгоҳ ва китобхона ташкил медиҳад.

# Намоиш- фурӯши либос ва лавозимоти мактабӣ дар Душанбе

**Аз 1-уми августи соли равон дар пойтахти Тоҷикистон ярмаркаҳои либоси мактабӣ оғоз мешаванд. Аз шаҳрдорӣ хабар медиҳанд, ки ярмаркаҳо дар чаҳор ноҳияи Душанбе ташкил карда мешаванд.**




Ярмаркаи аслӣ дар бозорҳои бузурги шаҳр ва марказҳои тиҷоратӣ ташкил мешавад. Гуфта мешавад, ки ярмаркаҳо ҳамарӯза соати 9-и субҳ ба вақти Душанбе ба кори худ оғоз хоҳанд кард. Дар ин ярмаркаҳо сокинон метавонанд либоси мактабӣ, пойафзол ва лавозимоти консělярии заруриро барои таҳсил бо нархи арзон харидорӣ намоянд.

# ЛИМИТ ДАР ТОБИСТОН

## Вазир сабабро гармӣ гуфту масъул татбиқи лоиҳаҳо

**Маҳдудияти интиқоли неруи барқ, ки миёни мардуми кишвари мо ҳамчун "лимит" маъруф аст, одатан дар зимистон ҷорӣ мешавад, аммо соли равон дар фасли тобистон ҳам дар бисёре аз манотиқи кишвар барқ хомӯш карда мешуд.**



Сокинон шиква мекунанд, ки барқ бе огоҳӣ давоми рӯз қатъ карда мешавад. Ба шикояти сокинон дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва расонаҳо касе посух намегуфт, вале дар нишасти матбуотии Вазорати энергетика ва захираҳои оби Тоҷикистон ва Шабакаҳои тақсимоти барқ ин суолҳо аз ҷониби хабарнигорон матраҳ шуданд ва масъулин ба онҳо посух гуфтанд.

### ШАРҲИ ВАЗИРИ ЭНЕРГЕТИКА



**Далер Ҷумъа,** вазири энергетика ва захираҳои оби Тоҷикистон дар нишасти хабарӣ маҳдудяти неруи баркро тасдиқ карда, сабаби онро "ҳарорати баланди ҳаво" арзёбӣ кард.

Ӯ гуфт, "дар ҳақиқат, махсусан дар моҳи июл ва қисман дар моҳи июн дар баъзе мавридҳо маҳдудияти барқ ҷой дошт. Новобаста аз он, ки иктидорҳои истеҳсолии энергияи барқ басанда буданд, азбаски ҳаво бисёр гарм буд, таъсири технологӣ ба кори таҷҳизот, махсусан дар шабакаҳои барқӣ расонида буд".

Одатан зимистон лимити барқ бо сабаби кам шудани сатҳи об дар обанборҳои кишвар ҷорӣ мешавад, вале соли равон гармии бесобиқаи ҳаво низ сабаби қатъи муваққатии барқ гардидааст.

### ТАТБИҚИ 4 ЛОИҲА

Масъули Шабакаҳои тақсимоти барқ сабаби гармии зиёдро як сабаби қатъи неруи барқ дар фасли тобистон гуфта бошад, сабаби дигарро татбиқи 4 лоиҳа дар саросари кишвар арзёбӣ намуданд.

Дар нишасти хабарии ширкатҳои масъули барқ, ки рӯзи 30-юми июл баргузор шуд, роҳбари Шабакаҳои тақсимоти барқ ҳузур надошт.



**Абдуалим Самизода,** сардори Шабакаҳои тақсимоти барқи шаҳри Душанбе гуфт, ки натанҳо дар вилояти Хатлон, дар пойтахти кишвар ҳам имсол гармии зиёд ба қайд гирифта шуд.

"Таҷҳизоти барқӣ то як миқдори муайяни ҳарорат фаъолият мекунад ва навбатдор баъди ин ҳарорат маҷбур мешавад, ки таҷҳизоти баркиро аз сарборӣ озод кунад, барои пешгирӣ кардан аз корношоям шудани таҷҳизоти барқӣ",- гуфт Самизода.

**Сабаби дигарро Абдуалим Самизода роҳандозии 4 лоиҳа дар Тоҷикистон номид, ки барои иҷрои корҳои он интиқоли неруи барқ қатъ мешавад:**

- *Бобарқтаъминкунии деҳот бо 6,5 млн доллар;*
- *Барномаи рушди соҳаи энергетика бо 95 млн доллар;*
- *CASA-1000 бо 15 млн доллар;*
- *Кам кардани талафоти неруи барқ дар вилояти Хатлон.*

"Барои амалӣ кардани ин лоиҳаҳо, чӣ хеле ки ба хамагон маълум аст, бе хомӯшкунии шабакаи барқ иҷро кардани корҳо дар шабакаҳои барқӣ ғайриимкон аст",- гуфт Абдуалим Самизода.

# САФАРИ ПУТИН ВАЗЪИ МУҲОҶИРОНРО БЕҲТАР МЕКУНАД?

**Моҳи октябри соли 2025 президенти Федератсияи Русия Владимир Путин бо сафари расмӣ ба Тоҷикистон ташриф меорад. Дар доираи ин сафар баргузории мулоқотҳои дуҷонибаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон ва ниҳодҳои муҳоҷирати Русия барои ҳалли мушкилоти муҳоҷирони тоҷик дар Русия ба нақша гирифта шудаанд ё не?**



Солеха Холмаҳмадзода, вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон имрӯз зимни нишасти хабарӣ ба ин саволи хабарнигори мо посух дода, таъкид намуд, ки ҳалли масъалаҳои муҳими равандҳи муҳоҷират ҳам барои Тоҷикистон ва ҳам барои Русия аҳамияти махсус дошта, бо ин мақсад аллакай як гурӯҳи корӣ таъсис дода шудааст.

"Азбаски қисми зиёди шаҳрвандони мо дар Русия дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд, дар робита бо сафари расмии президенти Русия ба Тоҷикистон, ки моҳи октябри соли равон ба нақша гирифта шудааст, аллакай як гурӯҳи корӣ таъсис дода шудааст. Намояндагони Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии Русия, Агентии меҳнати Русия ва Хадамоти муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилии Русия ба ин гурӯҳ шомил ҳастанд. Айни замон мо бо ҳамтоёнамон аз Русия болои он ҳуҷҷатҳои муҳиме, ки дар рафти сафари Путин ба Тоҷикистон дар самти муҳоҷират эҳтимолияти ба имзо расиданашон вуҷуд дорад, кор карда истодаем. Аз ҷумла ба протоколи созишномаи байниҳукуматӣ доир ба ҷалби мутахассисонаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба Федератсияи Русия тағйироту иловаҳо ворид карда мешаванд. Ҷониби Русия ба ин ҳуҷҷатҳо аллакай ба пуррагӣ имзо гузоштанд. Аз ҷумла раиси Ҳукумати Русия Михаил Владимирович Мишустин ҷиҳати ворид намудани тағйироту иловаҳо ба ин созишнома розигӣ доданд ва кор дар ин самт идома дорад",-гуфт вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон Солеха Холмаҳмадзода.

**Фирӯза САТТОРӢ**

*Аз нишастҳои матбуотӣ*



**Дар неругоҳҳои барқи обӣ ва марказҳои барқу гармидиҳии ҶСК «Барқи Тоҷик» соли равон ҳаҷми истеҳсоли неруи барқ дар маҷмуъ беш аз 8,9 миллиард кВт-соатро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2024 дар ҳаҷми 944,6 миллион кВт-соат зиёд аст.**

Дар ин хусус зимни нишасти матбуотӣ муовини директори генералии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Барқи Тоҷик» Абдулло Қурбонзода иттилоъ дод.

Гуфта шуд, ки истеҳсоли неруи барқ дар неругоҳҳои барқи обӣ беш аз 8,3 миллиард кВт-соат ва дар марказҳои барқу гармидиҳӣ 858,9 миллион кВт-соат таъмин карда шудааст.



**Тибқи муқаррароти қонуни нав, мӯҳлати таҳсил дар коллеҷҳо то 1 сол кам карда мешавад. Минбаъд тибқи он барои шахсоне, ки таҳсилоти асосии синфи 9-ро доранд, мӯҳлати таҳсил дар коллеҷҳо аз 4 сол ба 3 сол расонида мешавад.**

Барои шахсоне, ки таҳсилоти миёнаи умумии синфи 11-ро доранд, мӯҳлати таҳсил аз 3 сол то 2 сол кам карда шуд. Дар ин хусус раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Тоҷикистон Фарҳод Раҳимӣ зимни нишасти матбуотӣ изҳор дошт.



**Дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон боз шаш ихтисоси нав ташкил карда шуд. Дар ин бора ректори ин муассисаи олӣ Бобоҷон Сатторзода иттилоъ дод.**

«Молияи бозори амвол», «Иқтисодиёт ва молияи корхонаҳои хоҷагии шаҳр», «Иқтисодиёт ва молияи хоҷагии манзилию коммуналӣ», «Менеҷменти лоиҳаҳои рақамӣ», «Иқтисодиёти «сабз»» ва «Иқтисодиёт» аз ихтисосҳои нав мебошанд, ки онҳо тибқи талаботи бозори меҳнат ҷорӣ карда шудаанд.

Зикр шуд, ки ҳоло дар ин донишгоҳ 6 факултет, 17 кафедраи тахассусӣ ва 8 кафедраи умумидонишгоҳӣ фаъолият доранд.

# АКСҲОИ НОДИРИ НУСРАТУЛЛО МАХСУМ



Портрети Нусратулло Махсум

**Чанд рӯз қабл аз архиви аксбардори маъруфи олмонӣ-амрикоӣ Лотте Якоби, ки дар асри XX ҳамчун яке аз чеҳраҳои беназири санъати суратгирӣ шинохта шудааст, аксҳои нодири ду чеҳраи сиёсӣ - Абдураҳим Ҳоҷибоев ва Нусратулло Махсум ба дастамон расид, ки то имрӯз дар ҷое нашр нашудаанд. Лотте Якоби суратгирест, ки чеҳраҳои маъруфе чун Алберт Эйнштейн, Томас Манн, Марлен Дитрих, Бертолд Брехт ва дигаронро аксбардорӣ кардааст…**



Дар бораи **Лотте Якоби** нахуст корбари шабакаи иҷтимоии “Фейсбук” Маъруф Бахтиёрзода бо нашри чанд акси ходими давлативу сиёсӣ - Абдураҳим Ҳоҷибоев ва хонаводаи ӯ хабар дод. Пас аз ин банда чанд рӯз ба омӯзиши рӯзгори Лотте Якоби ва корҳои ӯ машғул шудам.

Лотте Якоби (Lotte Jacobi, тав. 1896 - ваф. 1990) - яке аз маъруфтарин ва бонуфузтарин суратгирони асри XX буд, ки бо шеваи классикии сиёҳу сафед аксбардорӣ мекард.

Лотте дар Берлин дар соҳаи синамо ва суратгирӣ таҳсил кард ва аз соли 1920 ба фаъолияти касбӣ оғоз намуд. Ӯ дар солҳои 1920-1930 аллакай шахсиятҳои маъруфи замонашро, ки дар боло номбар кардем, аксбардорӣ мекард ва шуҳрат ба даст оварда буд.

Баъди ба қудрат расидани миллатгароён дар Олмон дар соли 1933, Лотте бо сабаби насаби яҳудӣ доштанаш ин кишварро тарк кард ва аввал дар Британиё зиндагӣ карда, сипас соли 1935 ба ИМА кӯчид. Дар ИМА ӯ то охири умр ба шуғли хеш идома дод ва яке аз чеҳраҳои матраҳи санъати суратгирӣ буд.

Солҳои 1932-1933 Лотте Якоби ба Осиёи Марказӣ сафар кард ва аз шаҳрҳои Тошканд, Самарқанд, Бухоро, Хуҷанд ва Сталинобод (Душанбе)-и имрӯза боздид намуда, мардуми маҳаллӣ, санъаткорон, ҳунармандон ва занону кӯдаконро аксбардорӣ намуд. Ин аксҳо баёнгари як давраи муҳими таърихи Осиёи Миёна ҳастанд, ки ба омӯзишу пажӯҳиш ниёз доранд.

Дар ин сафар Лотте Якоби бо ду роҳбари вақти Тоҷикистон - раиси Кумитаи Иҷроияи Марказии ҶШС Тоҷикистон Нусратулло Махсум ва раиси Шурои Нозирони Тоҷикистон Абдураҳим Ҳоҷибоев робита барқарор карда, онҳову хонаводаҳояшонро аксбардорӣ мекунад. Аксари ин аксҳо то ба имрӯз дар ҷое нашр нашудаанд.

Лотте Якоби тамоми архивашро, ки иборат аз 47 ҳазор акс, ҳуҷҷат, рӯзнома, мактубҳо ва дафтари қайдҳо аст, ба Донишгоҳи Ню-Гэмпшир дар Дарем (иолоти Ню-Гэмпшири ИМА) эҳдо мекунад. Феълан ин архив дар Фонди вежаи ба номи Лотте Якоби дар ин донишгоҳ нигаҳдорӣ мешавад.

Дар ин сафҳа мо ба шумо чанд акси Қаҳрамони Тоҷикистон Нусратулло Махсум ва хонаводаи ӯро манзур мегардонем.

**Одил НОЗИР**



*Духтари Нусратулло Махсум*



*Духтарони Нусратулло Махсум*



*Ҳамсари Нусратулло Махсум, ки Лоте Якоби ӯро ҳамчун “Мисис Махсум” муаррифӣ кардааст*



*Нусратулло Махсум дар назди кормандони фабрикаи нассоҷӣ, 26 октябр – 3 декабри 1932*



*Роҳбари Тоҷикистон рафиқ Махсум дар миёни мардум, Сталинобод, 26 октябр – 3 декабри 1932*



*Хонум Махсум бо ду фарзандаш*



# ПАДАРИ ВАҲШӢ

## писарро ба мошин баставу кашола кард ва ба марг расонид

**Ҳодисае, ки ҳафтаи равон дар шаҳри Турсунзода рух дод, ҷомеаи Тоҷикистонро ба ларза овард. Падар писарашро аввал барои носкашӣ ва баъдан барои дуздии 600 сомонӣ латукӯб карда, ӯро ба мошинаш баста, кашола мекунад ва ба марг мерасонад...**

Нахуст навори навраси шиканҷашуда, ки зоҳиран худи падар сабт кардааст, дар шабакаҳои иҷтимоӣ пахш шуд ва хашми корбаронро барангехт. Дар навор дида мешуд, ки мард аз писараш тасдиқи дуздии 600 сомониро тақозо карда, бо ишораи нос кашидан ва дуздиаш ӯро таҳдид мекард.

Ин падар, ки ваҳшиёна фарзандашро латукӯб кардааст, Парвиз Одинаев, шаҳрванди 40-сола будааст. Ӯ писари 15-солааш Хисрав Одинаевро ба ин ҳол овардааст.

Каримҷон Ёров, фаъоли шабакаҳои иҷтимоӣ, ки ин қазияро пайгирӣ кардааст, дар ин хусус мегӯяд: "Падар аввал барои носкашӣ писарашро латукӯб намудааст, писараш баъди ин 600 сомонии падарашро гирифта, аз Турсунзода ба хонаи аммааш ба Душанбе омадааст. Баъди чанде аммааш ба бародараш занг зада гуфтааст, ки писарат дар хонаи ман аст. Омада ӯро бурда нисфирӯзӣ дар ҳавои гарм дар роҳ дастонашро баста, бо мошин ду километр кашидааст, баъд аз пойҳояш баста, як 800 метри дигар ва баъд ин сабтро кардааст. Дар хона оварда дар хӯрокхона мепартояд, зану кӯдаконаш ин ҳодисаро мебинанд, вале чизе гуфта наметавонанд, аз рӯи нақли як нафар, ки сабти овозияш пеши ман ҳаст. Баъди чанде кӯдак ҷон ба Ҷонофарин супоридааст. Дар вақти гурехтан бо мақсади пинҳонӣ бурда гӯр кардани фарзандаш ба тарафи Балҷувон боздошт карда шудааст. Расмҳои маит пеши мо маҳфуз ҳастанд, агар инсон бошӣ, бе ашк нигоҳ карда наметавонӣ ба расмҳо, баданаш сиёҳ, рӯяш, инчунин пойҳояш бечораро, вале аз инҷо мондан худдорӣ мекунам.



Наход дар роҳ ки садҳо мошин мегузарад, як мусулмоне пайдо нашуд, ки ин ҳайвонсифати ваҳширо аз ин кораш боздораду ин кӯдакро аз дасташ халос кунад, агар ин ҳама кор ҳақиқат бошад, ягон мусулмонӣ намондааст магар?".

Пас аз расонаӣ шудани навор ва мавриди баҳсу баррасии корбарон қарор гирифтани он Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон хабар дод, ки марди 40-солаи сокини Турсунзодаро, ки фарзандашро "барои кашидани нос" ва "дуздии пулҳояш" латукӯб ва баъдан ба мошин баста кашола карда буд, боздошт кардааст.

Дар ин бора Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон иттилоъ дода, навиштааст, ки ҳодиса рӯзи 26-уми июл дар ҳудуди ҷамоати деҳоти Навободи шаҳри Турсунзода рух додааст.

Ба иттилои манбаъ, нисбати ин мард бо қисми 3-и моддаи 110-и Кодекси ҷиноятӣ бо иттиҳоми "қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ" парванда боз шудааст.

Ин қазия корбарони шабакаҳои иҷтимоиро ба хашм овардааст. Яке ин падарро "ваҳшӣ" номидаву дигаре "ҳукми абад" ва сеюмӣ "ҳукми қатл"-и ӯро талаб кардаанд. Вале ҳуқуқшиносон мегӯянд, ки бандҳои қонун, ки феълан ин мард бар онҳо гумонбар аст, аз 12 то 15 соли зиндонро пешбинӣ мекунад.

# ШАҲРВАНДИ РУСИЯ БАРОИ ҚАТЛИ КӮДАКИ ТОҶИК 24 СОЛ ЗИНДОНӢ ШУД

**Вероника Наумова, як шаҳрванди Русия ва парастори Далер Бобиеви 6-сола, кӯдаки муҳоҷир аз Тоҷикистон барои куштори кӯдак бо бераҳмии махсус гунаҳкор дониста шуда, ба 24 соли зиндон маҳкум гардид.**



Хабаргузории "ТАСС" навиштааст, ки Наумова дар куштор бо аломатҳои бадбинии миллӣ, расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, ғайриқонунӣ аз озодӣ маҳрум кардан, ҷалби ноболиғ ба ҷиноят ва қаллобӣ дар гирифтани кумакпулиҳо гунаҳкор дониста шудааст.

Манбаъ менависад, ки ҳамчунин ҷияни Наумова - Даниил Еголников, низ барои шиканҷаи кӯдак ба 5 соли зиндон маҳкум гардид.

Қаблан, дар моҳи сентябри соли гузашта, шавҳари Наумова - Александр Наумов низ барои шиканҷаи ҳамин кӯдак ба 5 соли колонияи низомаш умумӣ маҳкум шуда буд.

Бояд гуфт, ки Хӯҷа Бобиев, падари Далер Бобоиев шаҳрванди Тоҷикистон аст ва дар Русия барои дуздӣ маҳкум шуда буд ва модараш аз сабаби майзадагӣ аз ҳуқуқи волидайн маҳрум гашт. Аз ин рӯ, писарбача ба оилаи Вероника Наумова ба парасторӣ супурда шуд.

Аммо тавре дар ҷараёни тафтишот маълум шуд, Далер дар ин оила мавриди шиканҷа қарор доштааст.

Ёдовар мешавем, ки моҳи июни соли 2023 Вероника Наумова дар бораи "ғайб задан"-и Далер ба мақомот хабар дода буд. Ин ҳодиса боиси ҷустуҷӯи густардаи кӯдак дар Екатеринбург гардид, ки дар он сокинон ва полис ширкат доштанд.

Дере нагузашта часади писарбача дар халтае пинҳоншуда дар мошинсарой (гараж) пайдо шуд. Ташхис нишон дод, ки Далер зиёда аз шаш моҳ пеш аз пайдо шудани часадаш фавтида буд.

Мувофиқи маълумоти тафтишот, Наумова писарбачаро бо қошуқи оҳанӣ барои пойафзол зада, сипас ӯро ба ваннаи оби хунук андохта, ғарқ кардааст.

Пас аз марги кӯдак, ӯ часадро пинҳон намудааст, то ба гирифтани кумакпулиҳои давлатӣ барои Далер идома диҳад.

*Аз нишастҳои матбуотӣ*



**4 гумонбар дар куштарҳои пурсарусадои Конибодом ба ҳукми абад маҳкум шудаанд. Дар ин бора Даврон Зоҳидзода, раиси шаҳри Конибодом дар нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.**

Зоҳидзода дақиқан нагуфт, ки ҳукм кай содир шудааст, танҳо афзуд, ки тафтишот идома дорад. Диловар Ализода, нозири калони гурӯҳи таҳлилӣ-назоратии ШВКД ҶТ дар шаҳри Конибодом дар робита ба силсилакушторҳо дар шаҳр гуфт, ки 2 шаҳрванди Қирғизистон низ дар кофтукоби расмӣ қарор доранд. Мавриди ба зикр аст, ки соли 2024 дар Конибодом 7 куштори гурӯҳӣ рух дода, наздики 25 нафар ба таври мармуз кушта шуданд.



**Дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ 245 ҳазору 372 килограмм маҳсулоти гуногуни ғизоӣ, ки ба талаботи стандартҳои мавҷуда ҷавобгӯ набудаанд, аз муомилот гирифта шуда, ғайристандартӣ эътироф гардидаанд.**

Дар ин бора муовини якуми директори Агентии "Тоҷикстандарт" Раҳмоншо Мирзоён зимни нишасти матбуотӣ хабар дод.

Ба гуфтаи ӯ, миёни маҳсулоти ошкоргардида 11 066 кг маҳсулоти гӯштӣ, 1 459 кг равғани растанӣ, 1 351 литр нӯшокиҳои спиртӣ, 112 352 кг намак ва дигар навъҳои маҳсулоти хӯрокворӣ буда, қисми зиёд аз хориҷи кишвар ворид гардидаанд.



**Дар ним соли равон сокинони Тоҷикистон барои нақзи қонуни танзим беш аз 5 млн сомонӣ ҷарима шудаанд. Аз ин маблағ то ҳол 2 миллиону 691 ҳазор сомонӣ рӯёнида шудааст.**

Сулаймон Давлатзода, раиси Кумитаи дин дар нишасти хабарӣ гуфт, ки дар ин давра 630 парванда боз шуда, дар 615 ҳолат ҷазо таъин гардида, 15 парванда ҳангоми баррасӣ аз ҷониби додгоҳҳо қатъ карда шудааст. Дар ним сол дар кишвар 41 ҳазору 630 маъракa баргузор гардида, аз сӯи кумита 9 ҳазору 607 рейд гузаронида шудааст.

# 8 МЕВАИ ФОИДАБАХШ БАРОИ КӮДАКОН ДАР ТОБИСТОН

**Фасли тобистон фаро расидааст бо дидани меваҳои тару тоза, ки нав пухта расидаанд, даҳони кас об мекушояд. Махсусан кӯдакон мевагиро дӯст медоранд, вале баъзеҳо мегӯянд, ки ба кӯдакон зиёд мева додан мумкин нест. Мо дар ин саҳифа ба шумо маълумот медиҳем, ки кадом меваҳо ба кӯдакон дар фасли тобистон фоида доранд.**



Барои он ки кӯдак хуб рушд кунад ва инкишоф ёбад, ба организмаш витамину минералҳои зиёде лозиманд. Қисми зиёди ин витамину минералҳо маҳз дар таркиби меваю сабзавот мавҷуданд, бинобар ин, ба кӯдакон тамоман мевагӣ надодан хатост. Баръакс, дар фасли тобистон бачаҳо бояд ҳарчи бештар меваю сабзавоти тару тоза хӯранд. Фақат эҳтиёт шудан лозим аст, ки кӯдакон бо дасти ношуста мева нахӯранд ё меваҳои вайроншударо истеъмол накунанд.

### 1. СЕБ

Себ аз витаминҳои гурӯҳи В ва С бой аст, бар замми ин, дар таркибаш "пектин" ва "клетчатка" дорад. Туфайли ҳамон хусусиятҳои муфидаш себ моддаҳои зарароварро аз организми инсон баровarда, барои кори бонизоми меъдаву рӯда кумак мерасонад. Себ иштиҳоро мекушояд. Хӯрдани себ махсусан барои кӯдакон фоидаи бисёр дорад. Дар пӯсти себ моддаҳое мавҷуданд, ки барои ба осонӣ дандон баровардани кӯдак ёрӣ мерасонанд. Ба модарон тавсия медиҳем, ки вақте тифлаконашон ба дандонбарорӣ сар карданд, себро бо пӯсташ қимма карда, ба кӯдак диҳанд.

### 2. ЛИМӮ

Лимӯ аз витамини С сершор буда, барои пешгирии бемориҳои сироятӣ ва тезтар халос шудан аз шамолкашӣ ва оқибатҳои он ёрӣ мерасонад, вале бо сабаби аз ҳад зиёд турш буданаш онро ба тифлакони хурдсол додан мумкин нест. Ба кӯдакони синну соли мактабӣ метавонед кам-кам лимӯ диҳед, вале онро бо шакар омехта намоед, беҳтар аст. Лимӯчой нӯшида, кӯдак худро солиму бардам эҳсос мекунад. Махсусан дар давраи эпидемияи бемориҳои сироятӣ лимӯ хӯрдан ба кӯдакон фоида дорад.

### 3. БАНАН

Меваи аз ҳама безарар ва фоиданок банан мебошад, онро ҳатто ба кӯдакони ширмак низ додан мумкин аст. Банан аз оҳан, магний, калий бой буда, асабро ором месозад ва ба кӯдак шодию нишот мебахшад. Олимон исбот намудаанд, ки хӯрдани банан ба коркарди эндорфин дар ҷисми кӯдакон ёрӣ мерасонад. Фақат ба кӯдаконе, ки фарбеҳанд, камтар банан додан лозим аст.

### 4. АФЛЕСУН

Афлесун барои пуркувват шудани системаи муҳофизатии организми кӯдак, яъне иммунитет ёрӣ мерасонад. Ин меваи хушбӯй ва лазиз авитаминозро бартараф намуда, дар мубориза бо бемориҳои сироятӣ сипари фарзанди шумо хоҳад гашт. Фақат онро хеле эҳтиёткорона ба бачаҳои хурдсол додан лозим аст, чунки аксари кӯдакон ба меваҳои ситрусӣ, аз ҷумла ба апелсин ҳассосият - аллергия доранд.

### 5. НОК

Таркиби нок аз витаминҳои гурӯҳи В, кислотаи аскорбин, калтсий, натрий ва оҳан бой буда, бар замми ин, клетчатка дорад. Бо шарофати ҳамин моддаҳо хӯрдани нок ба кори бонизоми меъда ёрӣ мерасонад. Шумо метавонед нокро шуста, ба фарзандонатон диҳед ё аз он компот ва сок тайёр кунед.

### 6. АНАНАС

Ананас меваи экзотикӣ буда, на ҳар оила имкон дорад, ки ҳар рӯз кӯдакони худро бо ин меваи лазиз зиёфат диҳад, аммо он бисёр муфид аст. Дар таркиби ананас кислотаи аскорбин зиёд буда, дар пешгирии бемориҳои сироятӣ ёрӣ мерасонад. Ба кӯдакони фарбеҳ ба ҷойи шириниҳои гуногун ананас додан лозим аст, чунки он равғанҳои баданро хеле хуб об мекунад.

### 7. МАНДАРИН

Мандарин аз минералҳо ва аминокислотаҳо бой аст. Ин меваи хуштамъ кори дил ва рагҳои хунгарди онро ба низом медарорад. Мандарин асаби кӯдакро ором намуда, ҷисмашро аз неру - энергия сершор месозад. Ба кӯдакони мактабхон бештар мандарин додан лозим аст.

### 8. ЗАРДОЛУ

Дар байни мардум акидае вуҷуд дорад, ки ба кӯдакон ба ҳеҷ ваҷҳ зардолу додан мумкин нест, чунки шикамрав мекунад, вале дар асл ин меваи бомазза аз пектин ва фосфор бой аст. Туфайли ҳамин моддаҳо зардолу ба ҷараёни регенератсияи ҳуҷайраҳо ёрӣ расонида, кори ғадуди зери меъдаро ба низом медарорад ва иммунитетро пуркувват месозад.

### БА КӮДАКОНИ ТО ЯКСОЛА МЕВА НАДИҲЕД!

*Хулоса, ҳатман ба ғизои ҳаррӯзаи кӯдакон меваю сабзавотро илова намудан лозим аст, зеро таркибашон аз витамину минераҳо бой буда, барои рушди организми бачаҳо ёрӣ мерасонанд. Аммо дар додани мевагӣ ба тифлакони то яксола бояд хеле эҳтиёт намуд, чунки дар ҳақиқат баъзе меваҳо боиси ба шикамрав гирифтор шудани кӯдак гашта метавонанд.*

## Толеънома



**Ҳамал**
**21.03 - 20.04**

Ҳафта бо хабари хуш оғоз мешавад, ки бо шахси наздик алоқамандӣ дорад. Тағйироти муҳим дар ҳаёти шахсӣ пешбинӣ мешавад. Сешанбе эҳтиёткор бошед, сухани ноҷо метавонад обрӯятонро зери хатар гузорад.



**Саратон**
**22.06 - 23.07**

Ин ҳафта хеле муҳим аст, ки рафтор ва суханҳои худро назорат намоед. Мағрурӣ ва забони тезатон метавонад дӯстони наздикро аз шумо дур кунад. Душанбе вақти муносиб барои мулоқоти корӣ нест. Агар саъй кунед, имкони гирифтани даромади хуби пулӣ доред.



**Мизон**
**25.09 - 22.10**

Ҳафтаи нав аз шумо оромиву сабр металабад. Дар коргоҳ вазифаи нав пешниҳод мешавад, агар омода бошед, қабул кунед. Дар ҷодаи ишқ эҳтимоли сар задани нофаҳмӣ ва ҷудоӣ вуҷуд дорад. Пушаймон шуда бошед, барои баргардондани дилбохтаатон кӯшиш кунед.



**Ҷаддӣ**
**22.12 - 20.11**

Корҳои зиёд метавонанд шуморо дар ҳолати саргумӣ қарор диҳанд. Афзалиятҳоро муайян кунед, якбора ба чанд кор даст назанед. Нимаи дуюми ҳафта ҳақиқат дар бораи шахси дӯстдошта ошкор мешавад. Охири ҳафта маблағи деринтизор ба дастатон мерасад.



**Савр**
**21.04 - 21.05**

Дар ин ҳафта аз шурӯи корҳои нав худдорӣ намоед. Дар муҳити корӣ эҳтиёт шавед, аз ғайбат ва даҳолат ба ҳаёти дигарон дур бошед. Нимаи дуюми ҳафта норӯшании муносибати ошиқона метавонад шуморо ба шубҳа андозад.



**Асад**
**23.07 - 22.08**

Ҳафтаи ҷорӣ ба қобилиятҳои худ такя намоед. Нақшаҳо метавонанд тағйир ёбанд, бинобар ин, бояд оромона ва бо ақл амал кунед. Ғайбатро нодида гиред ва фурсати муносибро барои беҳтар сохтани зиндагӣ аз даст надиҳед.



**Ақраб**
**23.10 - 22.11**

Ин ҳафта вохӯрии корӣ метавонад ба муносибати ошиқона мубаддал шавад. Агар нахоҳед, ки сирратон фош гардад, онро муваққатан пинҳон доред. Шояд муҳаббати нав ба издивоҷ оварда расонад. Охири ҳафта манбаи нави даромади пулӣ пайдо мешавад.



**Далв**
**21.01 - 19.02**

Нақшаҳое, ки қаблан тарҳрезӣ карда будед, шояд амалӣ нашаванд. Озурда нашавед, аз ғалатҳо таҷриба гиред ва минбаъд бо машварат кор кунед. Нимаи дуюми ҳафта вохӯриҳои кории муҳим дар пешанд. Дар имзо кардани санадҳо эҳтиёт шавед.



**Ҷавзо**
**22.05 - 21.06**

Пас аз давраи душвор, ниҳоят вақти истироҳат расидааст. Омадани меҳмонони муҳим ва шиносоии тақдирсоз имконпазир аст. Ин вохӯрӣ метавонад ҳаёти шахсии шуморо комилан дигар кунад. Дар ҷои кор душманоне ҳастанд, ки бо ҳилла мехоҳанд ба шумо зарар расонанд.



**Сунбула**
**23.08 - 22.09**

Ҳафта бо ҷамъомади ғайричашмдошт оғоз меёбад. Туҳфаи ошиқатон метавонад тақдири шуморо дигар кунад. Пеш аз қабул кардан, ҳамаи ҷиҳатҳоро баррасӣ намоед. Дар коргоҳ сахт заҳмат кашед, то нақшаҳоятон амалӣ шаванд.



**Қавс**
**25.11 - 21.12**

Ҳафта барои оғози нақшаҳои бузург муносиб аст. Агар ба кумак эҳтиёҷ дошта бошед, ба роҳбари худ муроҷиат кунед. Нимаи дуюми ҳафта дӯстдоштаатон бармегардад ва бахшиш мехоҳад. Агар муҳаббат дар қалбатон боқӣ монда бошад, имкони дигар диҳед.



**Ҳут**
**20.02 - 20.03**

Ин ҳафта аз шумо сабр ва тоқат талаб мекунад. Як мушкилии ҷиддӣ метавонад ба ҳолати равонии шумо таъсир расонад. Агар фишори рӯҳӣ эҳсос шавед, ба дӯсти наздик дарди дил кунед. Нимаи дуюми ҳафта шиносоии ҷолиб имкони муҳаббати навро фароҳам мекунад.

# АЗ СУХАНГУСТАР СУХАН МОНДУ КИТОБ

**Узви иттифоқҳои нависандагони Тоҷикистон ва рӯзноманигорони Тоҷикистон, собиқадори соҳаи матбуоту маориф, адиби шинохта Эҳсон Субҳон рӯзи 28-уми июли соли равон дар синни 80-солагӣ аз ҷаҳон даргузашт. Марги чунин инсони заковатманд, сухангустар ва накӯном барои аҳли фарҳанг талафоти гаронест.**



Китоби нахустини ӯ «Донаи умед» ном дорад, ки соли 1985 ба дасти алоқамандони адабиёт расид. Аз он замон то кунун хонандагон аз таровиши килки эъҷозофарини нависанда Эҳсон Субҳон қиссаву ҳикояҳои зиёде хондаанд. Вале дар асл пешаи ӯ рӯзноманигорист. Солҳои ҳафтодуми асри гузашта дар идораи рӯзномаи «Зарафшон» фаъолият дошт. Баъдан бо даъвати муҳаррири рӯзномаи «Маориф ва маданият», шодравон Бӯринисо Бердиева ба ин нашрия ба кор омада, муддати бист сол дар вазифаҳои мухбир, мухбири калон, мухбири махсуси шуъбаи мактубҳо ва узви ҳайати таҳририя адои вазифа намудааст.

Моҷароҳои сиёсии солҳои нахустини Истиқлоли кишварамон ба ҷараёни зиндагии ӯ ҳам беасар намонд. Душвориҳои иқтисодӣ ва фишорҳои равонӣ маҷбураш карданд, ки ба зодгоҳ баргардад ва шуғли омӯзгориро идома диҳад. Дар баробари кори дабистон пайваста ҳикояву қиссаҳои нав ба нав иншо кард. Китобҳои «Ишқи зиндагӣ» (1989), «Ташнаи дидор» (1989), «Дили сӯхта» (1997), «Қадаҳи шикаста» (1998), «Чашмандоз» (1999), «Шишаи номус» (1999), «Пайкари руъёӣ» (2002), «Ғарибi хонаи хеш» (2004), «Нишона» (2005), «Ашки қалам» (2009), «Номаи гумшуда» (2014), «Қатраборон» (2о15), «Ишқи нофарҷом» (2021) ва ғайра аз тарафи хонандагон хуб пазироӣ ва эътироф шудаанд.

Қиссаи «Ғариби хонаи хеш» дар озмуни ҷумҳуриявӣ ба муносибати 10-солагии Истиқлоли Тоҷикистон (2001) сазовори ҷойи аввал гардид.

Аълочии маориф ва матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аз соли 1980 узви Иттифоқи журналистон, аз соли 1990 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон.

Бо вуҷуди хидматҳои зиёде дар соҳаи маориф, рӯзноманигорӣ ва адабиёт Эҳсон Субҳон як инсони хоксор, оромтабиат, шикастанафс, беозор, хушсуҳбат, ботамкин, нармрафтор буданд.

Имрӯзи мо дирӯз мешаваду фардоямон имрӯз. Аммо умед аст, аҳли маориф ва ҳаводорони илму адабиёт номи Эҳсон Субҳонро бо некӣ ба забон меоваранд ва ба равони покашон сано мегӯянд. Шамъи ёдашон дар анҷумани дилҳо фурӯзон бод!

**Искандари РАҲМОН,**
**адиб**

### ИРСИЯТ

*Одамият дар тинати инсон ниҳон асту аксар ба ирсият вобаста. Агар чунин намебуд, шогирди Арастуи бузург Искандари Зулқарнайн золиму ҷаллод намешуд. Хун ӯро ба модараш кашид, ки айёртарин ва золимтарин зан буд. Ин аст, ки одамони оқил гоҳи интихоби ҳамсар аслу насаби ӯро дар мадди аввал мегузоранд, то хуни авлодашон вайрон нашавад ва аз эшон фарзандони нокасу нохалаф рӯйи қадам наоянд.*

### ФАРЗАНД

*Ду фарзанд дорам. Гоҳо аз қисмат шиква мекунам, ки ин неъмати бузургро бароям беш надод, то ҳама корро аз дастам гиранд ва аз давлати эшон роҳат кунам. Вале чун машаққату хории бачаҳои серфарзандонро мебинам ва тарбияту маишати эшонро пеши назар меорам, ба камии фарзандони худ шукр мегӯям. Охир, фарзандро ба дунё оварда ба чанголи бадбахтӣ партофтан чӣ ҳоҷат, модом ки эшонро хушбахт карда натавонӣ? Билфарз, агар банда даҳ фарзанд медоштам, дар дунё даҳ ниёзманди нокому номурод зиёд мешуд. Магар беҳтар нест, ки дар олам бадбахтон камтар бошанд?!*

**Эҳсон Субҳон**

## МАВЛУДНОМА

### 31 ИЮЛ

**Валерий Манин** (1940), 85-солагии зодрӯзи рассом.

**Олим Анвар Мирҳаким** (1950), 75-солагии зодрӯзи нависанда.

**Шавкат Умаров** (1935-1994), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Ибни Сино.

### 1 АВГУСТ

**Мэри Бойс** (1920-2006), 105-солагии зодрӯзи шарқшиноси англис, муҳаққиқи “Авасто”.

**Наим Латифов** (1935-2011), 90-солагии зодрӯзи коргардони ТВ, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

### 2 АВГУСТ

**Анвар Асоев** (1935), 90-солагии зодрӯзи муаррих.

**Парпишо Қимматшоев** (1950), 75-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр.

**Абдулло Олимов** (1955-2017), 70-солагии зодрӯзи журналист.

**Абдуғаффор Рауфӣ** (1950), 75-солагии зодрӯзи доктори илми иқтисодӣ, профессор.

### 3 АВГУСТ

**Муҳаммад Воситов** (1935), 90-солагии зодрӯзи Журналисти шоистаи Тоҷикистон.

**Алимуҳаммад Муродӣ** (1945), 80-солагии зодрӯзи шоир.

**Фарҳод Одинаев** (1945), 80-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

**Мавҷуда Сайфуллоева** (1935), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

### 4 АВГУСТ

**Абдураҳим Амонуллоев** (1935), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**Андрей Волос** (1955), 70-солагии зодрӯзи нависандаи русзабони Тоҷикистон.

**Ҷамшед Каримов** (1940), 85-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ, доктори илми иқтисод, узви вобастаи АМИТ.

**Ҳотам Солеҳбоев** (1910-1987), 115-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

### 5 АВГУСТ

**Роза Аскарова** (1945-2005), 80-солагии зодрӯзи доктори илми тиб.

**Наимҷон Латифов** (1950), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Раҳмон Сафар** (1930-2005), 95-солагии зодрӯзи нависанда, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**Борис Шавров** (1900-1975), 25-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, педагог, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

### 6 АВГУСТ

**Хушбахт Бекзода** (1945), 80-солагии зодрӯзи журналист.

**Абдураҳмон Ҳакимзода** (1940-2016), 85-солагии зодрӯзи доктори илми иқтисод, профессор, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

**Юлдош Ҳоҷибоев** (1945), 80-солагии зодрӯзи доктори илми химия, профессор.

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО
ОГОҲ КУНЕД!
Тел: 221-00-84**

# НАШРИ КИТОБ АЗ КОРНОМАИ АҲМАДШОҲ МАСЪУД

**Китоби “Шаҳрванд, сиёсатмадор, сарбоз”, ки дар бораи Аҳмадшоҳ Масъуд навишта шудааст, ба забони тоҷикӣ нашр шуд. Ин асар, ки ба қалами муаллифони рус Александр Ляховский ва Вячеслав Некрасов таллуқ дорад, аз сӯи Амирҷон Нурзода, номзади илмҳои таърих ба забони тоҷикӣ тарҷума шуда, Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик онро бо теъдоди 500 нусха чоп кардааст.**

Китоби тозанашр дар бораи зиндагӣ ва фаъолияти Аҳмадшоҳ Масъуд, Қаҳрамони миллии Афғонистон навишта шуда, ҷанбаҳои гуногуни зиндагии ӯро дар бар мегирад.

“Сарбоз: Муборизаҳои Аҳмадшоҳ Масъуд бар зидди неруҳои шуравӣ ва баъдан муқовиматаш бо Толибон. Сиёсатмадор: Нақши ӯ дар таҳаввулоти сиёсии Афғонистон дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI. Шаҳрванд: Талошҳои Қаҳрамони миллии Афғонистон дар роҳи озодии мардуми худ, ки барои онҳо ҷонашро нисор кард”,- мазмуни китобро Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик чунин шарҳ додааст.

Ба гуфтаи ин муассиса, муаллифон дар китоби “Шаҳрванд, сиёсатмадор, сарбоз” бо такя ба маводи нодири бойгонӣ ва хотироти ҳамсангарону мухолифони Аҳмадшоҳ Масъуд симои воқеии ин фармондеҳи таърихиро тасвир кардаанд.



Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

### ЭЪТИБОР НАДОРАД

►Шиноснома техникӣ, №10005, ба номи Раҳимов Муҳаммад Азизуллоевич, бо суроғаи ноҳияи Варзоб, ҷамоати деҳоти Чорбоғ, деҳаи Тойкара, ки соли 2019 дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шиноснома техникӣ ва дафтари ҳавлӣ ба номи Сайдуллоева Махфуза Дадоҷоновна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Ҳ. Шерозӣ 16/3, ҳ. 26, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

►Шиноснома техникӣ ва дафтари ҳавлӣ ба номи Сайдуллоев Фозилҷон Камилҷонович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, кӯчаи Ҳ. Шерозӣ 16/3, ҳ. 24, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

►Шиноснома техникӣ ба номи Азизов Ҷалолиддин Ҷамолиддинович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Н. Қарабоев, хонаи 89/4, утоқи 46, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Дафтари ҳавлӣ ба номи Азизов Ҷалолиддин Ҷамолиддинович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Н. Қарабоев, хонаи 89/4, утоқи 46, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи №1ш-334, аз 16.02.2021, ба номи Азизов Ҷалолиддин Ҷамолиддинович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавси, к. Н. Қарабоев, хонаи 89/4, утоқи 46, ки дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсӣ ба расмият даровварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, №39358, аз 19.02.2021, ба номи Азизов Ҷалолиддин Ҷамолиддинович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Н. Қарабоев, хонаи 89/4, утоқи 46, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Созишнома дар бораи гузашт кардани ҳуқуқи талабот аз 25.04.2018 таҳти феҳрасти рақами 2Ш-703, ки аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи И. Сомонии шаҳри Душанбе ба номи Давлатова Сафия Нуруллоевна тасдиқ карда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шартномаи ҷуброни бартарафсозии квартира аз 30.10.2020 таҳти феҳрасти рақами 2 ШД-1545, ки аз тарафи Саридораи нотариалии давлатии ҶТ ба номи Алиева Мастура Махмадиевна ва Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди "Баҳор 97" тасдиқ гардидааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэтибор дониста шавад.

►Шиноснома техникӣ ба номи Абдуллоев Беҳзод Қузратулло, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Н. Муҳаммад 1/4, ҳ. 20, ки санаи 13.11.2008 дода шудааст, аз сабабаи гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи шаҳрвандӣ, А03822939, ба номи Юсупов Нусратулло Шерафгнанович, ки санаи 12.08.2021 аз ШВКД дар ноҳияи Восеъ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шиноснома техникӣ ба номи Абдулвавобов Замир Бадавлатович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Пушкин, бинои 16, ҳ. 1, дар асоси қарори суд дар бораи бекор донистани шиносномаи техникӣ, аз ин сабаб беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Амонов Нодир, РЯМ: 0730147028, РМА: 075298145, ки аз 28.02.2017 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Буриева Мастура, РЯМ; 0730212450, РМА: 075316748, ки аз 08.04.2021 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Ахмедов Убайдулло, РЯМ: 0730176985, РМА: 126380851, ки аз 25.05.2018 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Примов Анвар, РЯМ: 0730174785, РМА: 075701516, ки аз 09.05.2018 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Тураев Ибодуллоҷон, РЯМ: 0730209875, РМА: 095279413, ки аз 01.02.2021 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## *Зодрӯз муборак!*



**ПОЛКОВНИКИ ХИЗМАТИ ДОХИЛӢ САЙДАЛИЗОДА АЛОВУДДИН ЗАЙНУДДИН,**

Сардори ҚМ-15 ХҲДО оид ба муҳофизати шаҳраки Сомониёни н. Рӯдакӣ аз ҷумлаи он хизматчиёне мебошад, ки пешаи интихобнамудаи худро хеле дӯст медорад ва онро барои ҷомеа муҳим мешуморад. Корманди соҳаи сӯхторхомӯшкунӣ бояд на камтар аз ҳимояттгарони марз ҳушёр бошаду бедорхобӣ кашад, зеро андаке ғафлат метавонад ба оқибатҳои ниҳоят ногувор, то ҳалокати одамон бурда расонад. Ҳамзамон, аз ҷиҳати ҷисмонӣ, шахси варзида, ҷусту чолок ва нотарсу обутобёфта бошад.

Аз ҳамин ҷост, ки бо талаб пеш аз ҳама аз худ, ҳамчун намунаи ибрат, аз тобеон ҳамин сифатҳоро талаб менамояд.

Ҳамчунин дар зиндагии шахсӣ низ чун ҳамсару падари меҳрубони хонадон аз худ беҳтарин хислатҳоро нишон медиҳад. Чӣ дар ҷои кор, чӣ дар ҳаёти шахсӣ ҳамеша барои гирифтани дасти афтодаву мусибатзадае омода мебошад. Миёни ёру дӯстон ва ҳамкорон низ обрӯю эҳтироми хоссаеро соҳиб аст.

Соҳибҷашн 8-уми августи соли ҷорӣ ба синни 57 қадам мениҳад. Зодрӯзи шарифи ин марди шарифро бо ҳама орзуҳои наҷиб барояш муборакбод гуфта, барояш пеш аз ҳама тансиҳатӣ, хотиру дили осуда, муҳиту фазои солими корию оилавиро меххоҳем.

*Бародар, рӯзи зодрӯзат муборак,*
*На танҳо, балки ҳар рӯзат муборак!*

**Бо эҳтиром: аз номи рафиқон, ҳамкорон ва Абдусалом Саидов**

►Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатномаи махсус ба номи Худойбердиева Бурихол, РЯМ: 0730007575, РМА: 075363094, ки аз 04.02.2009 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатномаи махсус ба номи Сафаров Шерзод, РЯМ: 0730218235, РМА: 076861635, ки аз 11.11.2021 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шиноснома техникӣ ба номи Қодирова Ашургул Ҳамидовна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, кӯчаи Айнӣ 331, ҳ. 21, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

**ЭЪЛОН!**

Шиносномаи техникӣ гум шудааст!
Тахминан дар нишонии зерин: ш. Душанбе, к. С. Шерозӣ, 39/4, х. 13.
Нафаре, ки онро пайдо кардааст, хоҳишмандем бо рақами зерин тамос гирад: 93 770 89 63.
Мукофотпулӣ кафолат дода мешавад.

### БАРҲАМ МЕХӮРАД

►ҶДММ "Сифати Аср", РЯМ: 6310012464, РМА: 630020198, дар ноҳияи Б. Ғафуров, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

►ҶДММ "Эҳёи сулҳи Румӣ", РЯМ: 3310008405, воқеъ дар н. Ҷалолиддини Балхӣ барҳам мехӯрад.

►ҶДММ "Ёрзода Шоҳинҷон", РЯМ: 0710011922, РМА: 070018969, ки аз 01.05.2023 дар Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

►ҶДММ "Фируз 2003", РЯМ: 0710001197, РМА: 070009779, ки аз 19.03.2010 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

## ҶУДО

# МЕДАЛИ НУҚРАИ МАСЪУД АҲМАДЗОД АЗ ТОСКУЛОҲИ БУЗУРГИ УЛАН-БАТОР



**Дар мусобиқаи Тоскулоҳи бузург (Гранд Слам) дар пойтахти Муғулистон - Улан Батор ҷудокори тоҷик Масъуди Аҳмадзод медали нуқра гирифт.**

Масъуди Аҳмадзод дар вазни 73 кг то даври финалӣ чор ҳарифро мағлуб карда, дар рақобати ниҳоӣ аз намояндаи соҳибони майдон шикаст хӯрд. Дар ин вазн Муҳиддин Асадуллоев дар даври дуюм шикаст хӯрд. Меҳрдод Сӯфиев (60 кг) то даври нимфиналӣ роҳ ёфт.

Дар вазни 66 кг Ёсин Бобокалонов ва Муллораҷаб Халифаев, вазни 90 кг Умед Раҷабов, Мизробшо Лоиқов, вазни 100 кг Мухсин Малаев ва Кароматулло Ҳакимов, вазни +100 кг Мансур Раҳмон низ аз ҳарифони худ шикаст хӯрданд.

Байни занон ҳам Александра Кан (57 кг) ва Виктория Киселёва (+78 кг) дар рақобатҳои аввал ба нокомӣ дучор шуданд.

Дар ин мусобиқа 236 ҷудокор аз 28 кишвар рақобат карданд. Тоҷикистон 12 намоянда дошт, ки 10 марду 2 зан буданд. Бо 1 медали нуқра, ду ҷойи 5-ум ва 2 ҷойи 7-ум Тоҷикистон дар ҳисоби умумидаставӣ мақоми 10-ум шуд.

Маблағи мукофотпулии мусобиқа 154 ҳазор евроро ташкил медод. Ғолиби ҳар вазн бо 5 ҳазор евро (4 ҳазор ба ҷудокор ва 1 ҳазор ба мураббӣ), медали нуқра - бо 3 ҳазор ва биринҷӣ - 1500 евро мукофотпулӣ сафароз гардонида шуданд.

Ба ғайр аз мукофотпулӣ, ба раддабандии ҷаҳонӣ имтиёз низ ба даст оварда мешавад. 1 ҳазор имтиёз барои медали тилло, 700 имтиёз - барои ҷойи 2-юм, 500 имтиёз - барои зинаи 3-юм, 360 ва 260 имтиёз - мутаносибан барои ҷойҳои 5 ва 7-ум дода шуд.

## ТРАНСФЕР

# КИҲО БА ФУТБОЛИ ТОҶИКИСТОН ОМАДАНД?

**Дар равзанаи тобистонаи харидуфурӯш баъзе аз дастаҳои Чемпионати футболи Тоҷикистон ҳайати худро бо бозикунҳои хориҷӣ ва футболбозони хуби маҳаллӣ пурқувват карданд.**




Муҳофизатгари албанӣ Рудолф Туркай ба ҳайати "Истиқлол" шомил шуд. Ӯ таҷрибаи бозӣ дар бошгоҳҳои Фаронса, Албания ва Косоворо дорад. Дар ҳайати дастаи миллии Албания ду бозӣ анҷом додааст. Дар мавқеи муҳофизатгари марказӣ бозӣ мекунад. Шартнома бо Туркай то анҷоми соли ҷорӣ баста шудааст.

Нимҳимоятгари дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон Эҳсони Панҷшанбе дигарбора ба "Истиқлол" баргашт. Шартномаи ҳамкорӣ бо даста то охири мавсими ҷорӣ баста шуд. Ҳамчунин, «Истиқлол» бо ниммуҳофизатгари эронӣ Сиёваш Ҳакназарӣ, дифоъгари рус Кирилл Суслов шартномаи ҳамкорӣ имзо кардааст. Дар назар аст, ки Шон Пол Камолафе аз "Хуҷанд" ба "Истиқлол" гузарад.

Шервонӣ Мабатшоев бо дастаи "Регар-ТадАЗ" шартнома баст. Охирин дастаи Шервонӣ Мабатшоев бошгоҳи "Капаз"-и Озарбойҷон буд. "Регар-ТадАЗ" ҳамчунин ҳайати худро бо ниммуҳофизатгари дастаи мунтахаби Тоҷикистон Шуҳрат Элмуродов қавӣ кардааст. Элмуродов дар нимаи аввали мавсим дар ҳайати дастаи "Хуҷанд" бозӣ мекард.

Дарвозабони тими миллии Тоҷикистон Олег Баклов бо дастаи «Турон»-и Озарбойҷон шартномаи 2-сола ба имзо расонид. Қабл аз ин Баклов дар ҳайати тими «Уфа»-и Русия бозӣ мекард.

Ниммуҳофизатгари рус Сергей Сканян тарки «Хуҷанд» карда, ба ҳайати «Вахш» ҳамроҳ шуд. Ҳамлагари украинӣ Костянтин Черний, ки дар дастаҳои гуногуни футболи Украина, Лаҳистон ва Латвия таҷрибаи бозӣ дорад, ба сафи тими шаҳри Бохтар ҳамроҳ шуд.

Дифоъгари марказии 23-солаи нигериягӣ Чуквубука Окоронкво бозигари нави «Равшан»-и Кӯлоб шуд.

## ЛИГАИ ЧЕМПИОНҲО-2

# ҲАРИФОНИ «ИСТИҚЛОЛ» ДАР ҚУРЪАКАШӢ МАЪЛУМ МЕШАВАНД

**15-уми август дар Куала-Лумпур маросими қуръакашии мусобиқаҳои бошгоҳии Конфедератсияи футболи Осиё (AFC), аз ҷумла Лигаи Чемпионҳои 2-и Осиё баргузор мешавад.**

Дар ин маросим клубҳо рақибони худро дар марҳилаи гурӯҳӣ хоҳанд шинохт. Оғози маросим соати 18:00 бо вақти Душанбе ба нақша гирифта шудааст. Аз Тоҷикистон дар ин мусобиқа клуби «Истиқлол»-и Душанбе иштирок мекунад. Дастаи «Регар-ТадАЗ»-и Турсунзода низ имкони дарёфти роҳхат ба Лигаи Чемпионҳои 2-ро




дорад. Ин даста дар сурати пирӯз шудан дар бозии плей-офф метавонад роҳхати марҳилаи гурӯҳиро ба даст орад.

Мусобиқа дар марҳилаи гурӯҳӣ аз шаш давр иборат буда, аз 17-уми сентябр шурӯъ мешавад ва 24-уми декабр ба анҷом мерасад. Бозии ниҳоии Лигаи Чемпионҳои 2-и Осиё рӯзи 16-уми майи соли 2026 ба нақша гирифта шудааст.

Дастаи «Шарҷа»-и АМА қаҳрамони феълии Лигаи Чемпионҳои 2-и Осиё ба ҳисоб меравад. Дар финал «Шарҷа» бо ҳисоби 2:1 бар «Лайон Ситӣ»-и Сингапур пирӯз шуда буд.

## ШАМШЕРБОЗӢ

# ДАСТАИ МУНТАХАБИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЧЕМПИОНАТИ ҶАҲОН ШИРКАТ КАРД

**Дастаи мунтахаби шамшербозии Тоҷикистон дар Чемпионати ҷаҳон, ки аз 22 то 30-юми июли соли 2025 дар шаҳри Тбилиси (Гурҷистон) таҳти сарпарастии Федератсияи байналмилалии шамшербозӣ (FIE) баргузор шуд, ширкат кард.**

Бо вуҷуди он, ки варзишгарони Тоҷикистон дар гирифтани медалҳо ноком шуданд, худи ширкат дар чунин мусобиқаи байналмилалӣ ҳам барои онҳо ва ҳам барои рушди шамшербозӣ дар кишвар як дастоварди назаррас ба ҳисоб меравад. Тоҷикистонро дар риштаи шамшерзанӣ миёни калонсолон ду варзишгар - Муҳаммад Аскаршозода ва Муродҷон Холиқов намояндагӣ карданд.

Тавре намояндаи Федератсияи шамшерзании Тоҷикистон Руҳшона Абдулқаюм қайд кардааст, иштироки варзишгарони Тоҷикистон дар Чемпионати ҷаҳон барои ҷалби таваҷҷуҳи ҷавонон ба ин намуди олимпии варзиш як қадами муҳим аст.

Бояд гуфт, ки дар мусобиқоти ҷаҳонии шамшербозӣ ба ягон варзишгар аз кишварҳои Осиёи Марказӣ муяссар нашудааст, ки соҳиби ҷоиза шавад.




## РЕЗААХБОР




Паҳлавони навраси тоҷик Маҳдӣ Баротов дар Чемпионати ҷаҳонии куштии юнонӣ-румӣ миёни наврасон, ки дар Юнон чараён дорад, ширкат кард ва барои Тоҷикистон медал ба даст овард. Маҳдӣ Баротов дар -55 кг дар рақобат барои ҷойи сеюм ба ғалаба бар паҳлавони Озарбойҷон Ниҳат Баҳманов бо ҳисоби 9-5 сазовори медали биринҷӣ шуд.

***

Шатранҷбозони ҷавони тоҷик дар Чемпионати Осиёи Марказӣ, ки дар шаҳри Чолпон-Отаи Ҷумҳурии Қирғизистон баргузор гардид, ба дастовардҳои шоиста ноил шуданд. Илҳомӣ Ҷалолиддин дар гурӯҳи то 18-сола ғолиб омада, ба Тоҷикистон медали тилло овард. Сайфиев Муродалӣ дар гурӯҳи то 8-сола мақоми сеюмро соҳиб шуда, бозии боваребахш ва рӯҳияи баланди рақобатиро нишон дод.

***

Абдуҷаъфари Баҳодур ва Олия Муродова барандагони нишони биринҷии Чемпионати таэквондои Осиё миёни ҷавонон шуданд. Абдуҷаъфар дар вазни 55 кг бар намояндагони Фаластин, Қирғизистон, Ҳиндустон ғалаба карда, дар нимфинал аз варзишгари Тайланд шикаст хӯрд. Олия Муродова дар вазни 37 кг миёни наврасон дар ду давр бар намояндагони Арабистони Саудӣ ва Қазоқистон пирӯз шуд, вале дар нимфинал аз варзишгари Кореяи Ҷанубӣ мағлуб шуд.

***

Дастаи мунтахаби футболи Ҳиндустон дар Ҷоми CAFA-2025 ба ҷойи дастаи мунтахаби Малайзия ширкат хоҳад кард. Малайзия қаблан аз иштирок дар ин мусобиқа даст кашида буд. Ҳиндустон дар гурӯҳи "B" бо Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон рақобат хоҳад кард. Ҳамаи бозиҳои ин гурӯҳ дар Варзишгоҳи марказии шаҳри Ҳисор баргузор мешаванд. Бозиҳои гурӯҳи А бо ширкати дастаҳои Ӯзбекистон, Қирғизистон, Туркманистон ва Уммон дар Тошканд ба нақша гирифта шудаанд.




## АБЛАҲ

Зан бо шавҳар ҷанҷол мекунад:
- Ту аблаҳ, аблаҳ, боз ҳам аблаҳ ҳастӣ. Ҳама корро аблаҳона иҷро мекунӣ ва мисли аблаҳ посух медиҳӣ. Дар озмуни аблаҳон ҷойи дуюмро мегирӣ!
Шавҳар:
- Чаро?
Зан:
- Барои он ки аблаҳ ҳастӣ!

## ПОСУХ

Муаллим аз донишҷӯ мепурсад:
- Насаби шумо?
Донишҷӯ бо табассум:
- Давлатов.
Муаллим:
- Чаро табассум мекунед?
Донишҷӯ:
- Шодам, ки ба суоли якуми шумо посух гуфтам.

## СУЛФУР

Дар имтиҳони фанни химия профессор аз донишҷӯ мепурсад:
- Сулфурро чӣ гуна ҳосил кардан мумкин аст?
Донишҷӯ дар ҷавоб:
- Сулфидро метафсонем, вақте бухор мешавад, сулфур боқӣ мемонад.
Муаллим:
- Хеле хуб. Ман ба шумо баҳои панҷ мемонам, се бухор мешавад, ду мемонад!

## КАЙК

Марде дар хонааш аз дасти кайкҳо дар азоб буд. На шаб ором дошту на рӯз. Рӯзе кайкҳои хонааш бо кайкҳои хонаи ҳамсоя ҷанг эълон карданд. Мард хурсанд шуд, ки кайкҳо ба ҷанг рафта, нобуд мешаванд. Бо хурсандӣ дарашро кушода, кайкҳоро ба ҷанг гусел карду осуда хобид. Нимишабӣ кайкҳо дарашро кӯфтанд. Мард гуфт:
- Кист?
Кайкҳо гуфтанд:
- Мо омадем, дарро кушоед.
Мард ҳайрон шуда, гуфт:
- Охир, шумо ба ҷанг рафта будед-ку!?
Кайкҳо гуфтанд:
- Бале, ба ҷанг рафта, ҳамаи кайкҳои ҳамсояро асир карда овардем!

**Таҳияи Н. РАҶАБОВА**

## ВАҚТИ ХОЛӢ

Садои занги дар баланд шуд. Мард дарро кушода, дид, ки як зани ниҳоят зебо пушти дар истодааст.
- Салом, ман ҳамсояи нави шумо, ба муносибати хонаи нав хариданам як ташкилӣ карданиям, шумо бекор нестед?
Мард хурсанд шуда, гуфт:
- Бале 24 соат холиям.
Зан гуфт:
- Ин тавр бошад, ҳамин сагчаи маро якчанд соат нигоҳубин кунед.

## ҲУСНИ ХАТ

- Ман ҳам духтур шавам, мешудааст.
- Чаро ин хел мегӯед?
- Ҳусни хатам бад, ҳеҷ кас онро хонда наметавонад.
- Ин ба духтурӣ чӣ муносибат дорад?
- Як хатчаи маро ҳам бачаҳо ёфта, хонда натавонистаанд. Ретсепт гумон карда, ба дорухона баранд, як олам дору додаанд.

## ҚАБРКАН

Раиси ноҳия дар як ҷамъомад сухан карда, мегӯяд:
- Рафиқон, имсол дар арафаи нархи орд боло рафтан чӣ чора андешиданиед?
Ҳама хомӯш мемонанд. Танҳо як мӯйсафед мехезаду мегӯяд:
- Ба ҷойи 8 соати корӣ 12 соат кор мекунем.
- Зинда бошед, падар! Агар нархи гӯшт боло равад чӣ?
Боз ҳама хомӯш... Ҳамон пирамард хеста ҷавоб медиҳад:
- Ин тавр шавад, 12 соат нею 16 соат кор мекунем.
Раис:
- Барака ёбед, ана ҳама бояд мисли ҳамин пирамарди хирадманд фикр кунанд. Хайр, тамоми маҳсулоти хӯрокворӣ қимат шавад, чӣ кор мекунед?
- Писарам, он гоҳ маҷбур мешавем, ки ноилоҷ 24 соат ба кор банд шавем.
Раис:
- Бобо, истед, ки шумо чикора ҳастед?
- Ман қабрканам, писарам...

## ЛАТИФА

Роҳбар латифа мегуфт ва ҳама аз тахти дил механдиданд. Ба ҷуз як нафар, ки хомӯш нишаста буд.
Аз ӯ пурсиданд:
- Чаро ту намехандӣ?
Мард гуфт:
- Ман дар ин ҷо кор намекунам.

## ҲОДИСА Ё ФАЛОКАТ

Аз Афандӣ мепурсанд:
- Ҳодиса аз фалокат чӣ фарқ дорад?
Афандӣ ҷавоб мегӯяд:
- Вақте бо хушдоманат назди дарё меравӣ ва ногаҳон ӯ ба об меафтад, ин ҳодиса аст. Агар ноҳост ӯ наҷот ёбад ё нафаре пайдо шавад, ки ӯро наҷот диҳад, ана ин фалокат аст.

**Таҳияи Сипеҳр**

## Сканворд

